Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад.
Эмомалӣ РАҲМОН

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№ 39 (12367)
29 сентябри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО

Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст

Суханронии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

27.09.2022, шаҳри Душанбе

Омӯзгорони муҳтарам ва донишҷӯёни азиз!

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳамаи шуморо ба муносибати ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода самимона табрик мегӯям.

Чун мулоқоти мо дар Донишкадаи давлатии забонҳо доир мегардад, дар ибтидо зарур мешуморам, ки баъзе андешаҳои худро доир ба мақому манзалати забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ ва вазъи иҷрои Қонуни забон ба таври мухтасар баён намоям.

Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.

Маҳз ҳамин забони ноби модарӣ халқи моро дар тӯли зиёда аз панҷуним ҳазор сол бар зидди тамоми бадбахтиҳову тохтутози аҷнабиён муттаҳиду сарҷамъ нигоҳ доштааст ва ба миллати тоҷик умри ҷовидонӣ бахшидааст.

Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурху сари баланди мо – тоҷикон – яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.

Сездаҳ сол пеш, яъне 5-уми октябри соли 2009 бо дарназардошти воқеияти замони соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул карда шуд.

Ин санаи муҳим Рӯзи забони давлатӣ эълон гардид ва ҳар сол аз ҷониби соҳибзабонон, яъне мардуми шарифи Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ҳамаи ҳамватанони азиз ва шумо – ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки то таҷлили он рӯзҳои башумор мондаанд, самимона табрик мегӯям.

Қобили зикр аст, ки масъалаи забони давлатӣ ва тақвияту таҳкими мақоми он дар таърихи давлатдории навини мо ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, имрӯз низ пайваста дар маркази диққати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Яъне, забони давлатӣ дар Тоҷикистон зери ҳимояву пуштибонии мустақими давлат қарор дошта, барои рушду пешрафти он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар ҳамаи шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Дар ин раванд, давра ба давра барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ

(Давомаш дар саҳ. 2)

Моили Ҳиравӣ

Муаллим

Муаллим офтобе дон, ки метобад ба баҳру бар,
Зи нури илм равшан менамояд даҳрро яксар.
Намояд раҳравонро роҳдон аз партави дониш,
Муаллим машъали маъбар, муаллим ҳодиву раҳбар,
Муаллим боғбоне дон, ки бахшад тоб гулшанро,
Зи саъйи боғбон рангин шавад райҳону нилуфар.
Худаш чун шамъ месӯзад, вале созад ба нури худ
Мунаввар мардуми гумраҳ, мунаъам мардуми музтар.
Муаллим раҳбару кораш бузургу фикри ӯ воло,
Бувад шуғлаш муқаддас, з-он ки дониш дорад андар бар.
Ба чашми кам мабин ӯро, ки ӯ мар тӯдаро рӯҳ аст,
Муаллим муҳтарам бошад ба ҳар оин, ба ҳар кишвар.
Муаллим метавонад миллатеро кордон созад,
Агар ӯ ҳаст соҳибдард, агар ӯ ҳаст коригар.
Бувад чашму чароғи ҷомеа, гар нек медонӣ,
Барои тифлакон гардад мададгору накуёвар.
Агар набзи муҳити хештанро нек дарёбад,
Диҳад зеҳнияти як қавмро тағйир дар кишвар.
Магар ман нотавонам, эй муаллим, эй рафиқи ман,
Тавоноист доноӣ ба пеши мардуми мафкар.

@▶▶ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

Чу хоҳӣ, ки ранҷи тан ояд ба сар,
Аз омӯзгорон мабар тоби сар!
Абулқосим Фирдавсӣ

«Омӯзгор»
№ 39, 29 сентябри
соли 2022

КАЛОМИ ПЕШВО

Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст

(Аввалаш дар саҳ.1)

карда мешаванд.

Аз ҷумла, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2030, ки 29-уми ноябри соли 2020 қабул гардид, дурнамои рушди забони моро барои даҳ соли оянда дар бар гирифта, ба татбиқи муваффақонаи қонуни забон равона шудааст.

Ба сифати омили ҳастӣ ва бақои миллат нигоҳ доштани асолат ва ҳувияти забони тоҷикӣ ҳадафу вазифаи барномаи мазкур дар замони муосир мебошад.

Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки ғамхориву пуштибонии доимӣ нисбат ба забони давлатӣ вазифаи ҳар як фарди бонангу номуси миллат, яъне соҳибони забон мебошад.

Зеро рушди пайваста ва ҳамаҷонибаи он дар мақоми забони миллӣ ва забони давлатӣ муҳимтарин нишонаи пойдории давлатдории миллӣ ва истиқлоли давлативу сиёсии мо дар рӯзгори пурошӯби имрӯзаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Як нуктаи дигари муҳимро хотиррасон менамоям, ки забони тоҷикӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутоберо тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахти таърих гузаштааст ва имрӯз, ки мо дар масири бунёду таҳкими давлатдории миллӣ пеш меравем, рисолати худро ба сифати василаи ваҳдатсоз ва муттаҳидкунандаи мардуми Тоҷикистон муваффақона идома дода истодааст.

Боиси ифтихор ва фараҳмандии зиёди мо – воризони ин забон ва мероси бузурги бо он навишташуда аст, ки ин забон то ба имрӯз ба шарофати хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ ва корнамоиҳои беназири фарзандони фарзонаву барҷастаи миллати тоҷик – аз Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ ва устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ то Бобоҷон Ғафурову устод Садриддин Айнӣ ба ҳамон шакли асилу ноб, бо ганҷинаи ғаниву рангини вожаву истилоҳот ва таъбиру таркиботи дилнишину зебо бокӣ мондааст.

Воқеан, ҳамин забон аст, ки миллати тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо таъриху фарҳанги камназири худро тавассути он навишта ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Дигар ин, ки забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, дар ҳақиқат, ойинаи рӯзгор, расму ойин, суннату анъана ва донишу фарҳанги гузаштагон барои наслҳои имрӯза мебошад.

Маҳз ба ҳамин далел забон дар раванди барпо кардани давлати миллӣ ҳамчун унсури аввалия ва рукни бунёдии давлатдорӣ нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз дорад.

Аз ин рӯ, беэътиборӣ ё беэҳтиромӣ нисбат ба забон қотеътарин далели надоштан ё гум кардани ҳисси миллӣ мебошад.

Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон – аз хурд то бузург, равшанфикрону донишмандон, инчунин, дастгоҳи давлативу ҳукуматӣ ҳифз кардани забони бостонии зебову шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ, тозаву ноб ва поку беолоиш ба наслҳои оянда расонидани он аст.

Мо бояд шукрона кунем, ки истиқлоли давлатӣ барои ҷилову дурахши дигарбораи яке аз муқаддасоти миллии мо – забони тоҷикӣ, рушду такомул ва истифодаи он дар ҳамаи соҳаҳо заминаи созгор ва имкониятҳои фаровон муҳайё намуд.

Забони тоҷикӣ дар мақоми расмиву давлатии худ имрӯз на танҳо дар коргузорӣ, илм ва муошират дохилӣ, балки дар робитаҳои байналмилалии мо низ васеъ истифода мегардад.

Устодон ва шогирдони муҳтарам!

Ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ ба хотири таъмин намудани шароити мусоиди таълиму тарбия ва зиндагии шоистаи наврасону ҷавонон – насли ояндасози миллат ва Ватани азизамон – Тоҷикистон тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида, ин равандро бомаром идома дода истодааст.

Бунёд кардану ба истифода додани биноҳои нави таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо 1500 ҷойи нишаст барои омода намудани мутахассисони донандаи забонҳои хориҷӣ далели возеҳи дастгирии Ҳукумати мамлакат мебошад.

Иншооти навбунёди имрӯза имконият медиҳад, ки шумораи донишҷӯёни донишкада ба 7000 нафар расонида шавад.

Ҳоло дар донишкада бо 11 забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, чинӣ, куриёӣ, ҷопонӣ, ҳиндӣ, арабӣ ва форсӣ) аз рӯйи 41 ихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мутахассис тайёр карда мешавад.

Дар донишкада зиёда аз 500 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба, аз ҷумла шаҳрвандони 21 кишвари хориҷӣ фаъолият менамоянд, ки 80 нафари онҳо дорои унвони илмӣ мебошанд.

Аз даврai таъсисёбии донишкада, яъне аз соли 1979 то имрӯз 14 200 нафар мутахассис омода карда шудааст, 77 фоизи онҳоро мутахассисони равияи омӯзгорӣ ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки ҳоло хатмкардагони донишкада дар ҳама гӯшаву канори мамлакат ва берун аз он, аз ҷумла дар Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, инчунин, дар сафоратҳои Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ муваффақона фаъолият карда истодаанд.

Ҳамзамон, бо ин, донишкада бо 52 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ робитаҳои ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки ба пешрафти ҳамаҷонибаи фаъолияти он мусоидат менамояд.

Дар ин давра 2700 нафар шаҳрвандони 19 кишвари дуру наздики хориҷӣ ҳамчун донишҷӯву аспирант, инчунин, дар курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзии донишкада таҳсил кардаанд.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ҷиҳати тақвияти пояи моддиву техникии донишкада, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани шароити таҳсил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар донишкада марказҳои омӯзиши забони англисӣ, чинӣ, ҳиндӣ ва куриёӣ таъсис дода шудаанд, ки ҳоло пурсамар фаъолият доранд.

Илова бар ин, соли 2021 дар заминаи факултаи забони англисӣ маркази тестии забони англисӣ ба фаъолият оғоз намуд, ки дар байни дигар муассисаҳои таълимӣ ягона мебошад.

Ҳамчунин, дар донишкада курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ ба роҳ монда шудаанд, ки дар онҳо шаҳрвандони мо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷалб мегарданд.

Бо дарназардошти шароити муҳайёгардида ва бо мақсади рушду инкишофи боз ҳам бештари фаъолияти илмиву таълимии муассиса дар самти омода намудани мутахассисони баландпояи донандаи якчанд забони хориҷӣ пешниҳод мегардад, ки номи донишкада ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода табдил дода шавад.

Ба Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳо дастур дода мешавад, ки дар муддати 3 моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро доир ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Мо барои забономӯзии наврасону ҷавонон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити заруриро фароҳам созем ва корро тавре ба роҳ монем, ки ба кишварҳои хориҷӣ барои забономӯзӣ рафтани шаҳрвандонамон ҳарчи камтар гардад.

Бо ин мақсад бояд аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла китобхонаҳо, ки барои тадрису омӯзонидани забонҳо заминаи бисёр мусоид мебошанд, васеъ ва самаранок истифода карда шавад.

Ҷиҳати ҳалли ин масъала Вазорати маориф ва илм, Донишкадаи давлатии забонҳо ва факултаҳои забономӯзии ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд барномаҳои забономӯзиро таҳия ва амалӣ намоянд.

Ҳозирини муҳтарам!

Ман борҳо таъкид карда будам ва ҳоло бори дигар хотиррасон менамоям, ки дар шароити муосир ноил гардидан ба дастовардҳои илму техника ва технологияҳои нав ва баробар бо ҷомеаи пешрафтаи башар қадам гузоштан бидуни аз худ кардану хуб донистани забонҳои хориҷӣ бисёр мушкил ва ҳатто ғайриимкон мебошад.

Бо мақсади тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди тафаккури техникии мардум ва қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, инчунин, дастрасӣ ба техникаву технологияҳои муосир мо солҳои 2020 – 2040- ро «Бистсолаи рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон намудем.

Омӯзиши муваффақонаи ин фанҳо низ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар наврасону ҷавонони мо забонҳои хориҷӣ, алалхусус, забонҳоеро, ки бо онҳо адабиёти илмӣ нашр мешавад, хуб донанд.

Ман борҳо гуфтаам ва ҳоло бори дигар таъкид менамоям, ки ҳар як шахс ва дар навбати аввал, ҷавонон бояд ғайр аз забони давлатӣ ду забони хориҷиро дар сатҳи забони модарӣ донанд, зеро ин тақозои замони муосир мебошад.

Илова бар ин, ҳар як донишҷӯ, сарфи назар аз ихтисоси интихобкардаи худ, бояд забонҳои хориҷиро омӯзад ва донад.

Замоне мерасад, ки ҳангоми интихоб кардан ва ба вазифа таъин намудани кадрҳо, яъне аъзои Ҳукумат, роҳбарону кормандони сохтору мақомоти назди Президент ва Ҳукумати мамлакат ва вакилони мардумӣ, хулоса, ҳамаи хизматчиёни давлатӣ, донистани забонҳои хориҷӣ аз ҷумлаи талаботи асосӣ мегардад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки омӯзиши забон, таърих, фарҳанг ва ҷуғрофияи Тоҷикистон дар муассисаҳои ҳамаи шаклҳои таҳсилот, ки таълимашон ба забони ақаллиятҳои миллӣ мебошад, васеъ ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, бо мақсади фароҳам овардани дастрасии мардум ба адабиёти ҷаҳон, бахусус, адабиёти илмӣ, инчунин, бо забонҳои хориҷӣ тавассути асарҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва бадеии олимону эҷодкорони кишвар муаррифӣ кардани таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик зарурати таъсиси маркази алоҳидаи тарҷума ва баргардони асари илмиву бадеӣ ба миён омадааст.

Ба Ҳукумати мамлакат су-

(Давомаш дар саҳ.3)

5-6 октябри соли равон дар пойтахти мамлакат дар мавзуи «Бехатарии обӣ – асоси рушди устувор» конференсияи байналмилалӣ баргузор мегардад.

КАЛОМИ ПЕШВО

Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст

(Аввалаш дар сах.2)

пориш дода мешавад, ки масъалаи таъсиси Маркази миллии тарҷумаи назди Ҳукумати Тоҷикистонро баррасӣ карда, дар муҳлати се моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро таҳия ва тасдиқ намояд.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаи таълими забонҳои хориҷиро таҳти таваҷҷуҳи хосса қарор дода, ҷиҳати такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои чанд марҳала барномаҳои давлатӣ қабул намуд.

Ҳоло татбиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030, ки иҷрои он аз моҳи январи соли 2021 шуруъ гардидааст, идома дорад.

Имрӯз дар муассисаҳои таълимии кишвар 22 439 омӯзгори забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла 21 130 нафар дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 506 нафар дар зинаи миёнаи касбӣ ва 803 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият доранд.

Соли ҷорӣ факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро қариб 2 900 нафар хатм намудаанд, ки 550 нафари онҳо дастпарварони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошанд.

Ҳоло дар факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 10 200 нафар донишҷӯён таҳсил доранд.

Роҳбарони донишгоҳу донишкадаҳоро зарур аст, ки дар самти ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сифати таълим ва сатҳи дониши донишҷӯён тадбирҳои доимӣ ва муассир андешанд.

Зарурат ва аҳаммияти донистани якчанд забон имрӯз қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан, наврасону ҷавонон ва кормандони сохтору мақомоти давлатиро вазифадор месозад, ки бо дарназардошти талаботи замони муосир барои рушди шахсият ва дастрасии ҳар як фард ба иттилооти ҷаҳонӣ ҳатман ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул бошанд.

Имрӯз донистани забони хориҷӣ барои кормандони тамоми сохтору мақомот, аз ҷумла соҳибкорон шарт ва зарур аст.

Ҳоло Тоҷикистон ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода» бо тамоми ҷаҳон ҳамкорӣ дорад.

Кормандони гузаргоҳҳои сарҳадӣ, яъне гумрукчиён, сарҳадбонон ва муассисаҳои хизматрасонӣ вазифадоранд, ки забони хориҷиро донанд.

Ба шарофати истиқлоли давлатӣ ва шароиту имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумати мамлакат имрӯз сафи наврасону ҷавононе, ки барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ кӯшиш мекунанд, торафт афзуда истодааст.

Ҷавонони мо амиқ дарк кардаанд, ки донистани забонҳои хориҷӣ муҳимтарин шарти омӯхтани илму донишҳои замонавӣ, техникаву технологияҳои пешрафта ва робита бо ҷаҳони беруна мебошад.

Вобаста ба ин, ман борҳо таъкид кардаам, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ бояд дар заминаи забони адабии тоҷикӣ, яъне бар асоси донистани меъёрҳои забони давлатӣ ва риояи хусусиятҳои он сурат гирад.

Чунин шеваи омӯзиш ба арҷ гузоштан ба забони давлатӣ, боз ҳам беҳтар аз худ кардани он, инчунин, дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоиста пайдо намудани кишварамон ва ба роҳ мондани робитаҳои гуногунҷанбаи он бо мамолики гуногуни ҷаҳон мусоидат менамояд.

Дӯстони азиз!

Равандҳои ҷаҳони муосир ҳар як кишварро водор месозанд, ки ба хотири таъмин намудани рушди босуботи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии худ ба соҳаҳои илму маориф ва омода кардани кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Бо дарки ин воқеият, Ҳукумати Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии таҳсилот ва ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд ва корҳо дар ин самт идома ёфта истодаанд.

Ман ҳанӯз 1-уми сентябри соли 2019 зимни ифтитоҳи бинои Академияи идоракуни давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастур дода будам, ки донишгоҳу донишкадаҳоро аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида, имкониятҳо ва мавқеи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро дар минтақа ва ҷаҳон ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Бо ин мақсад, муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки дар ҷараёни таълим истифодаи технологияи итилоотиву коммуникатсиониро васеъ ба роҳ монанд, таҷрибаи байналмилалиро омӯзанд ва нақшаву барномаҳои таълимиро ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонии таҳсилот ва бозори дохиливу хориҷии меҳнат мутобиқ гардонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди идома доштани ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ сатҳу сифати таълим ва дараҷаи азхудкунии дониш аз ҷониби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба такмил ниёз дорад.

Дар ин росто зарур аст, ки дар раванди таълим ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ ва забонҳои хориҷӣ диққати боз ҳам бештар дода шавад.

Вақти он расидааст, ки таҳияи фарҳангу луғатҳои соҳавӣ вусъат дода шуда, милликунонии забони технологияҳои навин ва умуман, тамоми соҳаҳо таъмин ва иқтидори забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм тақвият бахшида шавад.

Донишмандони тоҷик гузоштани асосҳои забони илмии тоҷикиро ҳанӯз дар замони давлатдории Сомониён дар сатҳи баланд анҷом дода буданд, ки хизмати таърихии онҳо дар ин самт аз ҷониби олимони маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Бузургтарин донишмандони ҷаҳоншумули мо – Абуалӣ ибни Сино бо таълифи «Донишномаи Алоӣ» ва Абурайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб–ут–тафҳим» бунёдгузорони забони илмӣ тоҷикӣ ба шумор мераванд, ки анъанаи оғозкардаи онҳо дар асрҳои минбаъда аз тарафи донишмандони маъруф, аз ҷумла Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва дигарон то ба Аҳмади Донишу устод Айнӣ идома пайдо кард.

Дар замони муосир қудрату тавоноии ҳар як забон дар баёни матлаби илмӣ зоҳир мегардад ва бақову мондагории забон ба доираи истифодаву корбурди он дар илм вобаста мебошад.

Бинобар ин, олимони моро зарур аст, ки барои ҳамқадами замон гардонидани забони тоҷикӣ ва ба пояи баланди забони илм расонидани он кӯшиш намоянд.

Бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат ва дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеаи илмии кишвар ба фаъолият оғоз намудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани таълифи рисолаҳои илмӣ бо забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм иқдоми саривақтӣ мебошад.

Вале таъкид менамоям, ки дар ин раванд, на ба миқдор, балки бештар ба сифати рисолаҳои илмии анҷомёфта таваҷҷуҳ зоҳир гардад.

Рисолаҳои донишмандон ва муҳаққиқону унвонҷӯён бояд дар сатҳи баланди илмии ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таълиф шаванд, то ки дар пешрафту ғановати забони илмии тоҷикӣ саҳми сазовор гузоранд.

Бинобар ин, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи забон ва истилоҳотро зарур аст, ки ба забони рисолаҳои илмии дифоъшаванда ва истилоҳоти илмӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вобаста ба ин, хотиррасон менамоям, ки ҳоло дар масъалаи истилоҳнигорӣ ба забони тоҷикӣ як силсила мушкилот пеш омадааст.

Дар замони муосир, ки давраи рушди босуръати илму фан ва техникаву технологияҳои навтарин аст, бояд ба такмили истилоҳот бо забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Олимону муҳаққиқон ва мутахассисони тамоми соҳаҳои илмро зарур аст, ки барои ифодаи мафҳумҳои навтарини илму техника аз ҳамаи имкониятҳои забони тоҷикӣ бодиққат ва боэҳтиёт истифода баранд.

Ҳамчунин, онҳо бояд тавассути эҳёи қолабҳои суннатии истилоҳнигорӣ бо истифода аз захираи луғавии забони тоҷикӣ дорою ғановати забонро аз ҳисоби истилоҳсозӣ ва иқтибосгирии бамаврид таъмин намоянд.

Ба андешаи муҳаққиқон, номҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ далели ғановат ва таърихи зиндаи ҳар як забон, аз ҷумла забони модарии мо ба шумор мераванд.

Илова бар ин, дар номҳои таърихӣ ва ҷуғрофии Тоҷикистон раванди таҳаввули забони модарии мо дар ҳамаи марҳалаҳои таърихии рушди он ба мушоҳида мерасад.

Бо ибтикори мо дар харитаи сиёсии олам дигарбора арзи ҳастӣ кардани номҳои қадиму асилу ҷуғрофии Бохтар, Суғд ва садҳо номи дигар, ки гузаштаи пурифтихори моро ба имрӯз ва имрӯзро ба фардо пайванд медиҳанд, барои эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва баланд бардоштани сатҳи худогоҳиву худшиносии мардуми мо аз аҳаммияти хосса бархурдоранд.

Ба андешаи мо, барои рушди минбаъдаи забони давлатӣ, дар навбати аввал, бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

Якум. Риояи покизагии забон.

Яъне зарур аст, ки мо асолат ва покизагии забони худро нигоҳ дорем ва аз истифодаи безарурати калимаҳо аз забонҳои дигар худдорӣ кунем.

Дар баробари омӯхтани забонҳои хориҷӣ, ба омӯзиши забони адабии тоҷикӣ таваҷҷуҳи боз ҳам бештар зоҳир намоем.

Забони адабии тоҷикиро хуб донем ва омӯзиши забонҳои хориҷиро дар заминаи забони модарӣ ва бо истифодаи васеи имкониятҳои он ба роҳ монем.

Дуюм. Фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳот, Академияи миллии илмҳо ва дигар вазорату идораҳо дар самти ба вуҷуд овардани захираи рақамии забони тоҷикӣ бештар тақвият дода шавад, зеро ин омил ба

(Давомаш дар сах.4)

Дар шаҳри Риёз бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиш баргузор гардид.

КАЛОМИ ПЕШВО

(Аввалаш дар саҳ.3)

Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст

мондагории забони тоҷикӣ дар замони ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд.

Хотирнишон менамоям, ки чунин иқдом дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон натиҷаҳои хуб дода истодааст.

Зарур дониста мешавад, ки ба хотири дастрасии ҳарчи бештари алоқамандон нусхаҳои электронии фарҳангҳои муътамад, аз қабили «Луғати фурс» «Бурҳони қотеъ» «Ғиёс–ул–луғот», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Баҳори Аҷам», «Фарҳанги Онандроҷ», «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғатнома»-и Деҳхудо ва дигар фарҳангу истилоҳномаҳои соҳавӣ бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ ба шабакаҳои иҷтимоиву иттилоърасонӣ ворид карда шаванд.

Сеюм. Яке аз масъалаҳое, ки то имрӯз аз madди назар дур мондааст, омӯхтани ҷанбаҳои назариявии забони бостонии тоҷикӣ ва омода кардани мутахассисону муҳаққиқони забонҳои авастоӣ, суғдӣ ва бохтарӣ мебошад, ки сарчашмаи забони ширину шевои мо ба ҳисоб мераванд.

Академияи миллии илмҳо ва дигар ниҳодҳои илмиву таълимӣ бояд сари ин масъала ҷиддӣ андеша намоянд.

Илова бар ин, тарғиби забони тоҷикӣ, тавассути расонаҳои ҷаҳонии интернетӣ нашр кардани осори оламшумули назму наср ба ин забон аз муҳимтарин омилҳои густариши забони тоҷикӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ маҳсуб мешавад.

Дар ин раванд, арзиши маънавию маърифатии забонро баланд бардоштан ва забони адабии гуфтугӯиро тақвият додан низ бисёр муҳим ва зарур мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳоло зарурати таҳияи луғати мукаммали забони тоҷикӣ бо фарогирии калимаҳои умумиистеъмолии рӯзмарра, яъне китоби рӯйимизии ҳар як тоҷик ва алоқамандони омӯзиши ин забон пеш омадааст.

Барои иҷрои корҳои зикршуда мо бояд шахсонеро, ки қобилият, маҳорат ва таҷрибаи таҳияи фарҳангномаҳоро доранд, дастгирӣ кунем ва сафи онҳоро зиёд гардонем.

Ҳамчунин, мехоҳам таъкид намоям, ки омӯзонидани забонҳои хориҷӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, дар баробари ин, омӯзиш ва таълими забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимашон бо забони ақаллиятҳои миллӣ ва забонҳои русиву англисӣ такмил дода шавад.

Дар муассисаҳои типи нав, яъне литсейю гимназияҳое, ки таълимашон ба забонҳои хориҷӣ мебошад, низ омӯзиши забони давлатӣ, таърихи миллат ва ҷуғрофиёи кишвар ҳатмист, зеро ноогоҳӣ аз таърих ва фарҳанги миллии худ ба ташаккули шуури миллии кӯдакону наврасон таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки барномаҳои чунин муассисаҳои таълимӣ бояд ба фарҳангу тамаддун, таърих ва забону адабиёти мо мутобиқ гардонида шаванд, то ин ки фардо дастпарварони онҳо фарҳангу адабиёти моро бо забонҳои гуногуни дунё муаррифӣ намуда, дастовардҳои олами башарро ба забони давлатиамон баргардон карда тавонанд.

Дар раванди забономӯзӣ наврасону ҷавонони мо бояд

дар хотир дошта бошанд, ки донистани забони модарӣ ва дар заминаи он аз худ кардани донишҳои замонавӣ аз рӯҳияи баланди ватандорӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори баланди миллии онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Забони модариро дар сатҳи аъло донистан, онро дӯст доштан, бо ин забони ширину шево дурусту равону зебо сухан гуфтан ва асари адабӣ эҷод кардан камоли эътиқоду эҳтиром ба Ватан – Модар ва далели ҳисси баланди миллӣ мебошад.

Аммо ин суханҳо чунин маънӣ надоранд, ки ҷавонони мо танҳо бо забони модарии худ қаноат намоянд ё дар доираи он маҳдуд монанд.

Баръакс, мо дар ин ақида устувор будем ва ҳастем, ки ҷавонон дар асоси хуб донистани забони модарӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ талош намоянд.

Илму дониш ва техникаву технологияҳоро тавассути забонҳои хориҷӣ низ омӯхта, аз худ карда, дар оянда барои пешбурди соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии кишварамон самаранок истифода баранд.

Ҳукумати мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ бо бунёду таъсиси ҳазорҳо муассисаи нави таълимӣ зина ба зина чунин муҳит ё фазоро ба вуҷуд овард, ки ҳоло дар онҳо даҳҳо ва садҳо ҳазор шогирдони забономӯз таълим мегиранд.

Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз дар байни ҷавонони мо на танҳо донандагони ду забон, балки се – чор ва ҳатто то панҷ забон торафт зиёд шуда, онҳо дар озмунҳои гуногуни байналмилалӣ донишу малакаи хуб нишон медиҳанд.

Бо мақсади густариши бештари ин раванд, зарур дониста мешавад, ки ҳамасола баргузор намудани олимпиадаи фаннии забонҳои хориҷӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва ҳавасмандгардонии ғолибони онҳо ба роҳ монда шавад.

Тибқи таҳлилҳо аз шумораи умумии зиёда аз 40 ҳазор нафар донишҷӯёне, ки ҳоло дар хориҷи кишвар таҳсил доранд, қариб 1200 нафарашон ба забономӯзӣ машғуланд.

Дар робита ба ин, мехоҳам ёдовар шавам, ки аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз талабот ба кадрҳои забондон дар сатҳу зинаҳои гуногуни хизмати давлатӣ ҳамеша зиёд мебошад.

Зеро раванди рушду густариши муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои ҷаҳон, робитаҳои иқтисодӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи башарӣ, тарҷумаи осори арзишманди фарҳанги инсонӣ ва таъсиси корхонаву ширкатҳои муштарак дар мамлакат ба ҳазорҳо нафар ҷавонони забондон ниёз дорад.

Дар ин самт, мо то имрӯз тавассути Барномаи Стипендияи байналмилалии Президенти Тоҷикистон «Дурахшандагон» садҳо нафар ҷавонони боистеъдодро, ки ду ва зиёда забонҳои хориҷиро дар сатҳи баланд медонанд, барои таҳсил ба муассисаҳои илмиву таълимии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон фиристодем.

Танҳо соли ҷорӣ қариб 100 нафар чунин ҷавонон сазовори стипендияи мазкур гардиданд.

Ҳозирини арҷманд!

Мо ворид гардидани низоми маорифи мамлакатро ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амри зарур ва муҳим шуморида, бо дарназардоштаи дастовардҳои навгониҳои илму маорифи ҷаҳонӣ ба тақвияти раванди таълиму тарбия, фарогирии илму дониш ва соҳибкасб гардидани ҷавонон эътибори ҷиддӣ медиҳем.

Вале дар ҷараёни таълиму тарбия ба эътибор гирифтани мероси бузурги гузаштагон, арзишҳои милливу фарҳангӣ ва таърихии миллати тоҷикро аз рукнҳои асосии ин раванд мешуморем.

Зеро миллати тоҷик дорои арзишҳо ва расму ойинҳои ғановатманду рангоранг, анъана ва собиқаи бузурги таърихӣ буда, дар рушди илму маориф, таълиму тарбия ва фарҳангу маънавиёти умумибашарӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Бинобар ин, зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо мақсади ба камол расонидани наслҳои ояндасози ватандӯсту ватанпараст ба омӯзонидани арзишҳои таърихиву фарҳангии халқамон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардад.

Яъне, афкори таълимии олимону адибони гузаштаву имрӯзаи тоҷик, ки ғояи асосии онҳо таълиму тарбияи инсони комил мебошад, бояд бо дастовардҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва бо дарназардошти манфиатҳои милливу фарҳангӣ, расму ойин ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик такмил дода шаванд.

Таъкид менамоям, ки танҳо тавассути муваффақонаву ҳадафманд омезиш додани арзишҳои милливу фарҳангӣ бо дастовардҳои таҳсилоти ҷаҳонӣ метавон афроди босаводу донишмандро тарбия намуд.

Танҳо чунин афрод метавонанд ояндаи ободи кишвари худ ва мондагории миллати хешро дар саҳифаҳои таърихи башар ҳифз ва таъмин намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Омӯзгорони муҳтарам ва донишҷӯёни азиз!

Бо дарназардошти он ки рушди соҳаи илму маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад, Ҳукумати мамлакат дар баробари таъмин намудани тараққиёти иқтисодии кишвар ҷиҳати ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани маорифи миллӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Ман қариб дар ҳамаи суханрониҳо ва мулоқоту вохӯриҳои худ хотирнишон менамоям, ки илму маориф асоси устувори пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат буда, ҷомеа танҳо бо роҳи таъмин намудани рушди ин соҳаҳо ба ҳадафҳои созандаи худ ноил мегардад.

Имрӯз мо ба донишу хирад ҳамчун манбаи худогоҳиву бедорӣ ва ташаббусҳои созанда арҷ гузошта, бори дигар ёдовар мешавем, ки наврасону ҷавонони мо, яъне наслҳои ояндасоз ободиву сарсабзии Ватани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлолро танҳо тавассути омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар таъмин карда метавонанд.

Аз ин рӯ, такроран таъкид менамоям, ки мо бояд ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, дар рӯҳияи эҳтиром ба забон, фарҳанг, расму ойин ва дигар арзишҳои миллӣ, муқаддасоти давлати соҳибистиқлол ва ахлоқи ҳамида тарбия кардани насли наврас беш аз ҳар вақти дигар таваҷҷуҳ зоҳир намоем, дар ҳамаи зинаҳои таълим усулҳои пешқадамро ҷорӣ созем ва таларботро нисбат ба таълими донишҳои назариявӣ ва амаливу таҷрибавӣ тақвият бахшем.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҳозирини муҳтарамро ба муносибати ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, инчунин, Рӯзи забони давлатӣ, ки ҳастии миллат ва бақои давлати мо мебошад, самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо саломатӣ, саодати рӯзгор ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Ҳамеша саодатманду сарбаланд бошед!

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022 Қарор «Дар бораи минтақаи сайёҳии Роғун» ба тасвиб расид.

ПЕШРАФТ

27 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе бинои нави маъмурӣ ва таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро ифтитоҳ карданд.

Ифтитоҳи бинои нави маъмурӣ ва таълимии донишкада

Иттилоъ дода шуд, ки иншооти нави маъмурӣ ва таълимии Донишкада аз 3 бинои 5-ошёна ва таҳхона иборат мебошад.

Иншооти таълимӣ барои 1430 нафар донишҷӯй дар як баст лоиҳабандӣ шудааст. Бинои мазкур дорои 41 синфхона, 4 толори машғулиятҳои назариявӣ барои 140 нафар, маҷлисгоҳ бо 120 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ, китобхона бо адабиёти таълимӣ ва забономӯзӣ, 47 ҳуҷраи кории устодон ва таҳхона барои бойгонӣ мебошад. Толори варзишии донишкада пурра аз таъмири асосӣ баромада шудааст.

Дар донишкада 2 синфхонаи лингофонӣ, 9 синфхонаи компютерӣ муҷаҳҳаз бо технологияи муосир, китобхонаи электронӣ бо 50 ҷойи нишаст, толори фарҳангӣ бо 235 ҷой мавҷуд буда, раванди таълим пурра бо истифода аз тахтаҳои электронӣ ва проекторҳо сурат мегирад. Ҳоло дар донишкада 404 компютер ба шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст буда, барои истифодаи ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дастрас мебошад. Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, солҳои 2020-2040 дар донишкада имконоти фаррох муҳайё мебошад.

Биноҳои нав бо тарҳи зебову замонавӣ ва мувофиқ ба стандарти байналмилалии таълим бунёд шуда, бо тамоми ашёи зарурии илмомӯзӣ муҷаҳҳаз аст.

Президенти мамлакат бо шароити муосири донишомӯзӣ дар донишкада шинос шуда, ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд.

Бояд гуфт, ки Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода соли 1979 ҳамчун Донишкадаи омӯзгории забон ва адабиёти руси Тоҷикистон таъсис ёфт.

Бори аввал ба донишкада донишҷӯён соли 1980 қабул гардиданд, ки шумораи онҳо 525 нафарро ташкил медод. Бо шарофати истиқлоли давлатӣ шумораи донишҷӯён рӯз аз рӯз боло рафта истода, айни ҳол ба 5100 нафар расидааст. Ин шумора нисбат ба солҳои аввали таъсисёбӣ 10 баробар афзудааст.

Дар Донишкада солҳои аввали фаъолият мутахассисон танҳо дар самти ихтисосҳои факултети филологияи рус омода мегардиданд. Баъдтар солҳои 2000-ум дар доираи се факултет - филологияи рус, забонҳои Шарқ ва забонҳои романию германӣ ва даҳсолаи охир дар доираи 5 факултети зерин - филологияи тоҷик, филологияи рус, забони англисӣ, забонҳои Осиё, забонҳои Аврупо, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ ва 31 ихтисос мутахассисон аз рӯйи 11 забон дар самтҳои омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва забоншиносӣ дар зинаи бакалавриат омода карда мешаванд.

Дар шуъбаи рӯзона ва дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ 1796 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, 1560 нафар духтар ва дар маҷмуъ, 4999 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, 3573 нафар духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 202 нафар тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ 12 217 нафар донишҷӯ донишкадаро бо касбҳои омӯзгорӣ, тарҷумонӣ ва забоншиносӣ хатм намуданд.

Дар донишкада 434 нафар фаъолият менамоянд, ки аксари онҳоро ҳайати роҳбарикунанда ва профессорону омӯзгорони асосӣ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандону омӯзгорони асосии донишкада 80 нафарашон устодони дорои дараҷаи илмӣ, 10 нафар доктори илм ва 70 нафар номзадҳои илм мебошанд.

Дар панҷ соли охир дар шуроҳои диссертатсионии ватанӣ ва хориҷӣ аз ҳайати омӯзгорони донишкада 37 нафар рисолаи номзадӣ ва 4 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд.

Донишкада бо беш аз 52 муассисаву ташкилотҳои хориҷӣ, ҳамкории бисёрҷабҳа ба роҳ мондааст, ки дар пешрафту ишкишофи ҳамаҷонибаи донишкада мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин муддат 423 нафар донишҷӯёни донишкада ба кишварҳои хориҷ барои идомаи таҳсил сафарбар карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар ин давра шаҳрвандони кишварҳои хориҷи дуру наздик низ дар зинаҳои бакалавриат, магистратура, аспирантура ва курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзии донишкада ба ҳайси донишҷӯй, аспирант ва шунаванда ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки шумораи умумии онҳо ба 2696 нафар мерасад.

Илова бар ин, дар ин муддат ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши забондонии донишҷӯёни донишкада аз 21 кишвар омӯзгорони соҳибзабон барои кор ва фаъолият ба донишкада ҷалб гардиданд, ки 213 нафарро ташкил медиҳанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба Донишгоҳи байналмилалӣ табдил дода шавад

27.09.2022 Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода табдил дода шавад.

«Бо дарназардошти шароити муҳайёгардида ва бо мақсади рушду инкишофи боз ҳам бештари фаъолияти илмиву таълимии муассиса дар самти омода намудани мутахассисони баландпояи донандаи якчанд забони хориҷӣ пешниҳод мегардад, ки номи донишкада ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода табдил дода шавад», – иброз доштанд Президенти мамлакат зимни суханронӣ дар донишкадаи мазкур. Дар робита ба ин, ба Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳо дастур дода шуд, ки дар муддати 3 моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро доир ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

«Мо барои забономӯзии наврасону ҷавонон дар ҳамаи зинаҳои таҳсил бояд тамоми шароити заруриро фароҳам созем ва корро тавре ба роҳ монем, ки ба кишварҳои хориҷӣ барои забономӯзӣ рафтани шаҳрвандонамон ҳарчи камтар гардад, – тазаккур доданд Сарвари давлат. – Бо ин мақсад бояд аз тамоми имконият, аз ҷумла китобхонаҳо, ки барои тадрису омӯзонидани забонҳо заминаи бисёр мусоид мебошанд, васеъ ва самаранок истифода карда шавад».

Таъкид гардид, ки ҷиҳати ҳалли ин масъала Вазорати маориф ва илм, Донишкадаи давлатии забонҳо ва факултаҳои забономӯзии ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд барномаҳои забономӯзӣ таҳия ва амалӣ намоянд.

Бояд зикр намуд, ки 5 октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид ва ин сана расман Рӯзи забони давлатӣ эълон гардида, ба феҳристи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ ворид карда шуд.

Оғози фаъолияти «Гимназияи Нуриддин»

27 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусии «Гимназияи Нуриддин»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо имкониятҳои иншооти нави таълимӣ шинос шуданд.

Гимназия барои 2 ҳазор хонанда дар як баст пешбинӣ гардида, дар он мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ шароити таълим фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, иншоот дорои 70 синфхонаи барҳавою зебо буда, барои гузаронидани дарсҳо дар тамоми синфхонаҳои он тахтаҳои электронӣ насб шудааст. Дар муассиса 22 кабинети фаннӣ ташкил гардида, ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Аз ин ҷост, ки 1 адад лабораторияи алоҳида барои гузаронидани дарсҳои назариявии химия ва 1 лабораторияи физика бо тамоми дастгоҳҳои заруриву аёниятҳои хониш бунёд ёфтааст. Бо истифода аз чунин имконот хонандагон таҷрибаҳои гуногуни химиявӣ гузаронида, дониши худро мукаммал менамоянд. Ҳамчунин, дар муассиса синфхонаҳои алоҳида барои омӯзиши фанҳои биология, ҳуқуқи инсон ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ бунёд ёфтааст.

Зимни боздид ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар гимназия 2 синфхонаи технологияи иттилоотӣ бо компютерҳои замонавию хати баландсуръати интернет ташкил гардидааст.

Бо пайгирӣ аз сиёсати бунёдкоронаву маориф-парваронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусии «Гимназияи Нуриддин»-ро соҳибкори ватанӣ Абдураҳмон Қосимов бунёд намуда, таълиму тарбия дар он мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардидааст.

Дар гимназия 230 нафар омӯзгор дар асоси озмун ба кор ҷалб гардида, барои кору фаъолияти онҳо 6 ҳуҷраи алоҳидаи корӣ ташкил гардидааст.

Толори зебову замонавии гимназия беш аз 500 ҷойи нишаст дошта, ошхонаи он имконият дорад, ки дар як вақт ба 250 нафар омӯзгору хонанда хизмат расонад.

Пас аз боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин тасмимҳои бунёдкоронаи соҳибкорони ватаниро бо иси дастгирӣ арзёбӣ карда, масъулинро вазифадор намуданд, ки ба сифати таълиму тарбия, омӯзиши амиқи технологияи муосир ва забонҳои хориҷӣ дар таълимгоҳ диққати аввалиндараҷа диҳанд.

President.tj

Тоҷикистон ва Нидерланд бахшида ба Конфронси оби СММ-2023 дар Ню-Йорк мизи мудаввари сатҳи баланд доир намуданд.

ЭҲТИРОМ БА ПЕШВО

Аз меъмори ваҳдат ифтихормандем

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то Президент шудан дар омӯзишгоҳ касбу ҳунар омӯхта, дар Донишгоҳи миллӣ таҳсил намуда, дар флоти ҳарбии баҳрӣ хизмат кардааст. Ба яке аз хоҷагиҳои машҳури ноҳияи Данғара роҳбарӣ карда, соли 1990 вакили халқ интихоб шудааст. Эмомалӣ Раҳмон ин корҳоро то соли 1991, то барҳам хӯрдани ҳукумати Шуравӣ ба ҷо оварда буд. Баъд мамлакати Шуравӣ, ки аз понздаҳ ҷумҳурӣ иборат буд, шикаст хӯрд. Мо ин давлати бузургро ИҶШС меномидем.

Мо ҳамон вақт сарпаноҳ дошта бошем ҳам, ба истиқлолият расида бошем ҳам, нохост ба шутурбачаи ятим, ки аз падару модараш ҷудо гаштааст, монанд шудем. Ҳамаи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарсону ҳайрон гаштанд. Мағозаҳои хӯрокворӣ нохост холӣ шуда монд. Гуруснагӣ сар шуд. Он замон ба сӯи мустақилияти ҳақиқӣ танҳо қадамҳои аввалин мегузоштем. Вале дар он вақт бисёриҳо ин роҳ чӣ қадар мушкилу мураккаб буданашро намедонистанд. Дар пойтахти ҷумҳуриямон шаҳри Душанбе барои ҳокимиятро ба даст овардан кашмакашиҳои сиёсӣ ва фитнаҳо сар шуд. Ин ҷанги сиёсӣ то ноҳияҳои дурдаст паҳн гардид. Кашмакашиҳои сиёсӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд. Ҳамин тавр, дар замони вазнину мураккаб ва пур аз зиддиятҳо Эмомалӣ Раҳмон, ки он вақт ҷавони 40 -сола ва вакили боғайрат буд, ба майдони сиёсӣ омад.

Он вақт ҳамчун вакили Шурои Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайати вакилон «Аз сарварии мамлакатро ба даст овардан дида, мамлакатро идора кардан мушкилтар аст»,- гуфта буд. Ҳамон вақт мамлакатамон аз сохти кӯҳна ба сохти нав мегузашт.

Духтарам, меҳру муҳаббат ва садоқат ба ватан Эмомалӣ Раҳмонро ба тахти мамлакати харобгардида шинонд. Ҳамаи бузургони мо барин ба Эмомалӣ Раҳмон ҳам ба мартабаи олӣ, ба обрӯю эътибор ва шону шуҳрат, ба муҳаббати мардум сазовор гардидан ба осонӣ муяссар нашудааст. Дар рӯяшон ҳувайдо гаштани сурхӣ, ба лабашон давидани ханда самараи фидокорӣ ва некиҳои бебаҳои ӯст. Зеро, ӯ нағз медонист, ки роҳбар шудан шуҳрат не, балки аз ҷони худ гузашта барои ҳаёти дигарон ғам хӯрдан, ҷавонмардӣ ва шуҷоат нишон додан аст.

Бобоят Эмомалӣ Раҳмон, ки кору бор, рафтору гуфтор, фикру хаёлаш бо эҳсоси некӣ омехта гашта буд, ин фазилати ӯ ҳамчун шахси доною оқил, дурандеш ба назари мардум намоён гардид. Ғамхорӣ ва дилсӯзии ӯ қадр ёфт, дар дили мардум нақш баст. Мардум дарахти меҳри ӯро дар дил парвариш намуда, як барги умедашро ҳам ба зард шудан роҳ надода, сабзонд, ба воя расонд. Аз номаш фахр намуда, ба некиҳояш бо некӣ ҷавоб гардонд. Тухми некӣ мева баста, ҳосил дод. Ниҳол гузаронда боғ бунёд кард, роҳу кӯча, хонаю мактаб сохт, шаҳру деҳаҳоро обод кард. Нақб кофт, неругоҳҳои барқӣ сохт. Бо ҳамин роҳ кишвари худро дар ҷаҳон машҳур кард. Унвони Қаҳрамони Тоҷикистон гирифтану сазовор шудан ба номи бузурги Пешвои миллат нишонаи некӣ ва боварии мардуми тоҷик буд.

Эмомалӣ Раҳмон пеш аз Президент шудан, ҳамчун вакили мардум манфиати халқро ҳимоя карда, баромадҳои ҷасурона мекард, суханҳои дарднок мегуфт, ба ақидаи худ устувор меистод. Аз боби ҳиссиёти баланди худшиносӣ, ифтихори миллӣ, аз тақдири имрӯзу ояндаи мардум сухан ронда, тухми умед ва бовариро дар дили одамон мекорид.

Кишвари мо пас аз ҳазор сол ба истиқлол расид, бахташ хандид, соҳиби Суруди Миллӣ, Парчам ва Нишони худ гашт.

Шодии мардум ҳадду канор надошт, душманони миллат ин ғунчаҳои некиро нишонаҳои давлатдории тоҷиконро чашми дидан надоштанд, бо роҳҳои гуногун ба дили тарафдорони кӯтоҳандеши худ тухми кина ва адоватро корида, миллати ҷабрдидаро ба фалокату балоҳо гирифтор мекарданд.

Оқибат нияти бад ба амал татбиқ шуд. Шарорае, ки онҳо даргиронда буданд, ба гулхан табдил ёфта, кишварамонро ба оташи ҷанг кашид. Ҷаҳл омада, ақл аз байн рафт. Эмомалӣ Раҳмон рустамона миён баста, ба аспи некӣ савор шуда, ба майдон баромад, ба мамлакат сарварӣ карданро бочуръатона ба уҳда гирифт.Ба бахти халқ Парвардигор ӯро ба саҳнаи сиёсии бузург оварда. Ин инсони ҷасур ва ватандӯст барои халқу миллатро аз гирдоби балою офатҳо озод кардан хавфу хатарро фаромӯш кард, оташи даргирифтаистодаро хомӯш кард, ба ҷанги хонумонсӯз хотима гузошт. Бо ишора ва даъватҳои пурмеҳру муҳаббат одамони фиребхӯрдаро ҳушёр намуд, ба худ овард. Заҳри ба шарбат чакидаро бо мижгонҳояш тоза намуда, ширин намуд. Одамони кинадор ва аламзадаро бо муҳаббати бузург ба оғӯш гирифт. Ба оташи ҷанг, ки ба пойи ватан аждаҳо барин часпида буд, ҳиссиёти некияшро, меҳри пурҷӯши худро муқобил гузошт.

Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамин ният барои бо мардуми азияткашидаю аламзада вохӯрдан ба ҳузури ҳамватанон, ки дар ҳудуди Афғонистон ташнаю гушна хайма зада, зиндагӣ мекарданд, роҳ пеш гирифт. Пӯшида нест, ки бисёриҳо ба он ҷо рафтанро маслиҳат надоданд. Вале Эмомалӣ Раҳмон, ки дар дилаш ҳиссиёти ба мардум некӣ кардан ҷӯш мезад, дар мавқеи худ сахт истод, аз хавфу хатар натарсид, ба таҳлука наафтод, наларзид. Бо онҳо рӯ ба рӯ, ошкоро гап задан, арзашонро шунидан азм кард.

Халқ одил аст. Ӯ аввал ҳар як воқеаро бо сабру тоқат мулоҳиза намуда, баъд фикри холиси худро мегӯяд. Дуруст, дар байни мардум хубу бадаш ҳам, иғвогараш ҳам ҳаст. Қувваи сиёсат, истеъдоди сиёсатдон, солим ва таъсирпазир будани ҳаёти солим ана ҳамин фикрҳои мураккаб, зиддиятноку муқобилро муттаҳид намуда, оммаи халқро ба як роҳ андохта, ба як мақсад равона кардан аст. Эмомалӣ Раҳмон дар бораи гурезаҳоро ба ватани худ баргардондан, бо мухолифин сулҳ баста дар ақидаи бузурги худ устувор монд. Мулоқот бо қуввахои мухолифин нишон дод, ки дар ниҳоди Эмомалӣ Раҳмон ғайр аз дипломати сиёсӣ, муомилаи дараҷаи олӣ, донишмандии бузург қобилияти ҳукми худро гузарондан, ба ҳамсуҳбат ва иштирокчиёни мачлис рост будани фикри худро бовар кунондан низ будааст. Аз зулмат равшанӣ ҷустучӯ кард. Бадиро дида, ҳавсалааш пур нагашт, ба некӣ умед баст.

Дар вақти ба гӯшаи аз ҳама дурдасти хоки Афғонистон, ки «Дараи аҷал» ном гирифта буд,чархболи Президент нишаст дар ин ҷо ғайр аз камонбадастон, ки дар сояи кӯҳу санг ва буттаҳо меистоданд, касе набуд. Дере нагузашта ду гурӯҳи муқобил, ки нисбат бо якдигар кинаву адоват доштанд, риштаи тақдири онҳо ба ҳам пайваст шуд. Қадами мубораки Президент, ки ҳамватанонро суроғ рафта буд, сангдилтарин камонбадастонро низ нарм кард, нисбат ба сарвари шердил эҳсосоти меҳру шафқатро бедор намуд. Ана ҳамин қадами муборак, ки бо дилсӯзӣ гузошта шуда буд, муҳити хуб, дебочаи сулҳ, зарбаи сахт ба даҳони ҷанг шуда буд. Қудрати ба некӣ даст задан бадбинҳоро низ ба ҷояш шинонда монд. Ба андеша ҳидоят намуд. Ватанро аз ҳалокат наҷот дод, шавку рағбат ба зиндагиро бедор сохт. Мардуми парешонро муттаҳид гардонд.

Услуби кор ва роҳи сиёсии меъмори ваҳдат Эмомалӣ Раҳмон роҳи ба худ хос, дар заминаи миллӣ шакл ёфта, пухта расида, ба анъанаҳои сиёсати давлатдории тоҷикона амалгардида мебошад. Ӯ ғайр аз Ватан дилҳои ғамгинро низ шод гардонд. Бо роҳи авф ва бахшидан рафта, ба қуллаи мартабаи калон расида бошад ҳам, аз остонаи хоксорӣ як қадам ҳам он тараф нагузашт. Аз мӯйсафедони талху ширини ҳаётро дидагӣ дуо гирифт. Бо одоби хуби худ, бо суханони ширини худ, бо нияти хуби худ, танҳо дар дилу ҳамватанони худ не, балки дар дили дидаи аҳли ҷаҳон низ ҷой гирифт. Ӯро роҳбарони дигар мамлакатҳо ва созмонҳои байналмилалии бонуфуз пазируфтанд. Зеро дар таклифҳои Эмомалӣ Раҳмон ташвишҳои як миллат, як кишвар не, балки ғаму ташвишҳои аҳли ҷаҳон муҷассам гардида буд. Дар ҳар суханаш маънои башардӯстӣ буд.

Духтарам, шодии насли навраси имрӯза, хандаи онҳоро дида, ба хулосае меоем, ки ҳамаи инҳо тантанаи сиёсати оқилонаи Президент дар тарбияи насли наврас аст. Президент ба насли наврас хурсандӣ ва хушбахтӣ ҳадя мекунад, мехоҳад, ки дар дили бачаҳо ҳиссиёти начиб дурахшида истад. Мехоҳад, ки насли навраси ба воя расида истода саодатманд ва масрур бошад. Барои ин кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои бачаҳо ҳамаи шароитро муҳайё созад, онҳо дар чорчӯбаи расму оинҳои миллӣ тарбия ёбанд. Дар навбати худ бачаҳо низ ба Президент табассуми ширин ҳадя мекунанд. Ин аст рисолати падарона ба насли наврас, ғамхорӣ кардану меҳру саховати худро аз онҳо дареғ надоштан. Барои ҳамин ҳам насли наврас Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дӯст медорад ва бо ғуруру ифтихор «падари мо» мегӯяд.

Духтарам Маҳбуба!

Ҷавоб ба номаатро аз нашрияи «Омӯзгор» метавонӣ бихонӣ.

Бо эҳтиром,
Сулаймон ЭРМАТОВ,
узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон,
сармуҳаррири рӯзномаи «Устоз»

НАВГОНӢ

Маркази миллии тарҷумаи назди Ҳукумати Тоҷикистон таъсис дода мешавад

27.09.2022 Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки Маркази миллии тарҷумаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

«Бо мақсади фароҳам овардани дастрасии мардум ба адабиёти ҷаҳон, бахусус, адабиёти илмӣ, инчунин, бо забонҳои хориҷӣ тавассути асарҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва бадеии олимону эҷодкорони кишвар муаррифӣ кардани таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик зарурати таъсиси маркази алоҳидаи тарҷума ва баргардони асари илмиву бадеӣ ба миён омадааст»,- иброз намуданд Сарвари давлат.

Дар робита ба ин Сарвари давлат ба Ҳукумати мамлакат дастур доданд, ки масъалаи таъсиси Маркази миллии тарҷумаи назди Ҳукумати Тоҷикистонро баррасӣ карда, дар муҳлати се моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро таҳия ва тасдиқ намояд.

Зикр шуд, ки Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаи таълими забонҳои хориҷиро таҳти таваҷҷуҳи хосса қарор дода, ҷиҳати такмили омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои чанд марҳила барномаҳои давлатӣ қабул намуд.

Ҳоло татбиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030, ки иҷрои он аз моҳи январи соли 2021 шурӯъ гардидааст, идома дорад.

«Роҳбарони донишгоҳу донишкадаҳоро зарур аст, ки дар самти ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани сифати таълим ва сатҳи дониши донишҷӯён тадбирҳои доимӣ ва муассир андешанд», - таъкид намуданд Президенти Тоҷикистон.

Пешвои миллат изҳор доштанд, ки зарурат ва аҳаммияти донистани якчанд забон имрӯз қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон ва кормандони сохтору мақомоти давлатиро вазифадор месозад, ки бо дарназардошти талаботи замони муосир барои рушди шахсият ва дастрасии ҳар фард ба иттилооти ҷаҳонӣ ҳатман ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул шаванд.

«Имрӯз донистани забони хориҷӣ барои кормандони тамоми сохтору мақомот, аз ҷумла, соҳибкорон шарт ва зарур аст», -афзуданд Сарвари давлат.

Таъкид гардид, ки ҳоло Тоҷикистон ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода» бо тамоми ҷаҳон ҳамкорӣ дорад.

Аз ин рӯ, кормандони гузаргоҳҳои сарҳадӣ, яъне гумрукчиён, сарҳадбонон ва муассисаҳои хизматрасонӣ вазифадоранд, ки забони хориҷиро донанд.

25 сентябр дар Академияи миллии илмҳо Рӯзи дарҳои боз доир шуд.

ТАҲНИЯТ

Омӯзгорон роҳнамои боэътимоди ҷомеаанд

Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон

Устодони арҷманд!
Муҳтарам аҳли маориф!

Басо хушоянду фараҳбор аст, ки дар диёри соҳибистиқлоли мо Рӯзи омӯзгорон муқаррар шудааст ва он ҳамасола дар рӯзи якшанбеи нахустини моҳи октябр таҷлил мешавад. Таҷлили ин фархундарӯз худ далели барҷастаи эҳтирому эътиқод ва самимият ба омӯзгор ва пешаи наҷиби ӯст. Халқи тоҷик табиатан ихлосманди устодон аст ва бо онҳо бо камоли бовару эътимод муроҷиат мекунаду ҳама корро бо дасти дуои устодон ва бо ҳидояти онҳо оғоз мебахшад. Адабиёти ғанию пурмуҳтавои тоҷик далели дигари эҳтиром нисбат ба устодон аст. Бузургони дунёи адаб омӯзгорро «машъалафрӯзи маърифат», «махзани илму дониш» ва «раҳнамои боэътимоди ҷомеа» хондаву равшании рӯзгорро бо ҳастии ӯ тавъам донистаанд:

Аслан, мақому мартаба, обрӯю эҳтироми омӯзгор дар ҳеҷ як замоне коҳиш наёфтааст, вале дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон устодон бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд ва мақомашон боз ҳам боло рафт. Силсилаи қарору асноде, ки ҳанӯз дар нахустмарҳилаи соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон ба тасвиб расиданд, марбут ба дастгирии омӯзгорон ва бузургдошти онҳо буданд.

Ба шарофати истиқлол дар кору фаъолият ва афкори омӯзгорон таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқуъ пайваст, масъулияту мустақилияти эшон бештар гашт. Омӯзгорон дарси худро бо андешаву ифтихороти миллӣ, бо худшиносии миллӣ созгор намуданд ва ба вижа, дар ҷабҳаи тарбияи ватандӯстиву ватанпарварии шогирдон имконоти фаровон дарёфтанд. Ин вазъи хушоянду судманд мақому мартаба ва эҳтироми омӯзгорони арҷмандро дар назди ҷомеа, дар назди аҳли Ватанамон боз ҳам тақвият бахшид.

Боиси ифтихору қаноатмандӣ ва сипосгузории ҳар яки мост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хирадмандонаи хеш ба соҳаи маориф афзалият бахшидаанд ва омӯзгорро маҳбубтарин шахси ҷомеа донистаанд. Сарвари кишварамон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ба мактабу маориф ва ба ҳаёту фаъолияти омӯзгорон доранд ва ба ҳукми анъана зимни тамоми сафарҳои хеш ба манотиқи гуногуни мамлакат, пеш аз ҳама, бо омӯзгорон суҳбату мулоқотҳо меорянд, арзу ниёзашонро бо диққати тамом мешунаванд ва онҳоро дастгирию роҳнамоӣ мекунанд. Пешвои миллати тамаддунпарвари мо омӯзгорро «шахсутуни низоми таълиму тарбия» ва пешаи омӯзгориро «муқаддастарин касби рӯи замин» тавсиф бахшида, ҳамчунин, бо самимияти баланду эҳтирому эътиқоди саршор иброз доштаанд: «Омӯзгорӣ муқаддастарин пешаи рӯи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон мебошад». Воқеан ҳам, омӯзгор шоиста ба ҳама гуна ситоишу гиромидошт аст ва дар ҷомеа рисолати бузургеро дорост; тарбияву таълими наврасону ҷавонон, созандагони фардо, дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳпарварӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ ва дӯстиву созандагӣ аз муҳимтарин ва пуршарафтарин вазифаҳои ӯ ба шумор мераванд. Омӯзгор таълимгару тарғибгари рӯзгорони ободу осоишта, пайвандгари наслҳо буда, ҳамеша дифоъ аз манфиатҳои умум мекунад, мушкилоти ҷомеаро гиреҳкушоӣ ва ҳамагонро ба ҳаёти саодатмандона роҳнамоӣ менамояд.

Омӯзгорони матинуродаву собитқадам ва хирадсолори диёри бостонии мо тавассути фаъолияти бавусъату густурдаву фарогирашон дар раванди татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф обрӯву эътибори хешро афзунтар намудаву ба комёбиҳои шоиста ноил мегарданд. Солҳои охир омӯзгорони таълимгоҳҳои кишвар дар ҷодаи татбиқи барномаҳои муҳими давлатӣ, такмили сатҳи саводнокии шогирдон, таҳрири тозаи барномаҳои таълимии фанҳо, таҳияи китобҳои дарсии бозгӯи талаботи замон, корбасти усулҳои фаъоли таълим, истифодаи ҳадафгиронаи воситаҳои техникӣ ва амсоли инҳо ба комёбиҳои чашмгир ноил гардиданд.

Иштироки фаъолонаи омӯзгорони ватанпарвари мо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат низ давра ба давра вусъат меёбад. Онҳо дар кулли чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, дар ҳимояи манфиатҳои ҷумҳурӣ тавассути маҳфилу ҳамоишҳо, дар таҷлили ҷашнвораҳову рӯзҳои таърихӣ, дар посдории сулҳу ваҳдат ва муқаддасоти миллат ва дар муаррифии шоистаи Ватани фархундаамон ба ҷаҳониён фаъолияти хастагинопазир доранд. Омӯзгорон тарғибгари рӯзгорони ободу осоишта буда, дар тамоми лаҳзаҳои ҳасос барои бартарафсозии ҳама гуна ихтилофот мекӯшанд, аз манфиатҳои халқу Ватан дифоъ мекунанд ва роҳҳои ҳалли мушкилотро дармеёбанд. Онҳо дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат, амалисозии нишондодҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ дар соҳаи илму маориф ва Солҳои рушди саноат нақши сазовор мегузоранд.

Заҳмати омӯзгор дар назди давлат эътибори бузург дорад. Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», як қатор барномаҳои давлатӣ, стандартҳои таҳсилот барои ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, қабули низомномаҳо, таваҷҷуҳ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, интихоби беҳтарин роҳҳои таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бунёду таъмири мактабҳо, ҳамасола баланд шудани музди меҳнати омӯзгорон, қадршиносии аҳли таълиму тарбия бо ҷоизаҳои давлатӣ ва мукофотҳои соҳавӣ аз ҷумлаи омилҳои муассиреанд, ки бо мақсади дастгирии омӯзгорон ва такмил бахшидани шароити фаъолияти онҳо корбаст шудаанд.

Гузашти айём, равандҳои ҷаҳони муосир ва масъулият барои имрӯзу фардои миллат дар назди омӯзгорони шарафманду садоқатоини мо вазифаҳои боз ҳам бештар масъулиятбору ҷиддитареро мегузоранд. Омӯзгоронро мебояд, ки ҳамеша ҳамқадами замон бошанд, сатҳи сифати таълиму тарбияро пайваста баланд бардоранд, усулҳои фаъоли таълимро корбаст намоянд ва барои ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ кардани таҳсилот дар кишварамон ҳамвора кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Эътимоди комил дорем, ки омӯзгорони боғайрату тозакор ва собитқадаму хирадманди мо мутобиқ ба ин ҳама талаботу рӯҳияи даврон фаъолияти худро пайваста тақвият мебахшанд ва парчами маърифатро боз ҳам баландтар меафрозанд.

Тамоми устодону омӯзгорони ҷумҳурии азизамон ва кулли алоқамандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрику таҳният мегӯям ва таманнои онро дорам, ки ҳамеша тансиҳату хушбахт ва фаъолу пешрав бошанду ба пирӯзиҳои навин дастрасӣ пайдо намоянд.

Рӯзи омӯзгорон муборак бод!

ЭҲТИРОМ

Ду тан ҳамеша ва дар ҳама ҷо андешаи моро ба сар доранд: Модар ва Омӯзгор.

ххх

Рӯдакеро баҳр кардӣ, зинда бош, омӯзгор!

ххх

Бузургтарин нокомӣ омӯзгори хуб надоштан аст.

ххх

Падарам таъкидам кард: - Устодатро эҳтиром бикун.
- Гуфтам:
- Боз киро? Гуфт:
- Дигар ҳамааширо устодат хоҳад гуфт.

ххх

- Ҳамеша аз меҳру хиради муаллим баҳравар бошӣ, писарам!- такрор ба такрор чунин дуои некам мекард модарам.

ххх

То шабҳои дароз чароғи рӯи мизи омӯзгор фурӯзон аст, ҷаҳони маънавии мо мунаввар хоҳад буд.

ххх

Ҳар сабақи омӯзгор хишти зарринест, ки кохи ҳастии моро болотару муҳташамтар месозад.

ххх

Хиради устод дасти мадади ҳамешагӣ аз баҳри мост. Ҳар кӣ ин дастро раҳо накунад, ҳаргиз аз по нахоҳад уфтод.

ххх

Носипосӣ ҳар кӣ бар устод кард,
Қисмати худро ба дасти бод кард!

ххх

Шукуфоши миллат аз арҷгузории омӯзгор ибтидо мегирад.

ххх

Омӯзгор тамоми умр дил об мекунад, майна об мекунад, ҷигар об мекунад,.. то зиндагии мо шодоб бошад.

ххх

Бигардад зи мо дур авҷу барор,
Расад тирамаҳ бар мақоми баҳор,
Шавад зиндагӣ мазраи хорзор,
«Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор».

ххх

Муаллим қиблаи андешаи мост,
Ҳидоятгар бувад бар ҷодаи рост.

ххх

Дар тамоми комёбиҳое, ки мо дар дарозои умр ба даст меоварем, ҳиссаи омӯзгор ҳам ҳаст.

ххх

Омӯзгор ҷисман дар тамоми овони таҳсил ва маънаван дар тамоми умр бо мост.

ххх

Ҳама парвардаи омӯзгорем,
Даруни дил ба ӯ ҳайкал гузорем.

ххх

Маро дилгарм бар дунёи ҳастӣ
Каломи гарми устодам намуда.

ххх

Бидуни муҳаббат ба кулли башарият омӯзгори хуб шудан имкон надорад.

ххх

Дар ҳастии омӯзгор дониш ва офариниш ба ҳам омадаанд.

ххх

Дар бораи заволи халқе, ки омӯзгорони асилу хирадманд дорад, андешидан камоли аблаҳист.

ххх

Ба устодат агар сар хам насозӣ,
Нагардад қомати ту ҳеҷ боло.

ххх

Сипоси ҳар каломи дилнишинат,
Сипоси нури хуршеди ҷабинат.
Сипоси ҳастиат, устод, устод,
Сипоси заҳмати мардофаринат!

Ҳама парвардаи омӯзгорем!

Абдурауф МУРОДӢ,
«Омӯзгор»

Саодатбахши мо омӯзгор аст,
Аз ӯ сарсабзу хуррам рӯзгор аст.

ШОДБОШӢ

Рӯзи омӯзгорон

Рушду такомули ҳар кишвар, пеш аз ҳама, бо соҳаи маорифи он иртибот дорад. Ин соҳа ба таълиму тарбияи комили насли ояндасози миллат мусоидат мекунад ва воқеан ҳам, бори масъулияташ гарон ва дар айни замон ифтихорист. Аҳли маорифи тоҷик рисолати бузурги хешро ҳамчун афрӯзандаи чароғи илму ирфон, хираду маърифат сарбаландона сомон мебахшад.

**Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА,
ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа**

Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ба шарофати сиёсати ватанпарваронаву маърифатпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф марҳила ба марҳила рушд меёбаду ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ мешавад. Ин соҳаи тақдирсоз бо ибтикори Сарвари кишвар афзалиятнок эълон шудааст ва дар он ислоҳоти куллӣ, ки тамоми бахшҳои соҳаро фаро мегирад, роҳандозӣ гардидааст. Албатта, дар меҳвари соҳа омӯзгор қарор дорад ва ӯ муҳаррики таълиму тарбия ба шумор меравад.

Пешвои миллат барҳақ фармудаанд: «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд».

Дар Тоҷикистон ба омӯзгорон ҳамагон эҳтирому эътиқоди баланд доранд ва ҳамеша бо ихлосу сипос ба ӯ муносибат мекунанд. Дар Ватани маҳбубамон таҷлил гардидани Рӯзи омӯзгорон далели равшани эътирофи нақши махсуси кормандони соҳаи маориф дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Ин рӯзи фархунда дар кишварамон дар сатҳи баланд, дар доираи васеъ таҷлил гардида, дар воқеъ ҷашни ҳамагонист.

Ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон аҳли маорифи ҷумҳурии соҳибистиқлоламонро самимона табрику таҳният мегӯям ва таманнои онро дорам, ки комёбу муваффақ ва тансиҳат буда, ҳамеша дар хидмати халқи азизи хеш бошанд.

Рӯзи омӯзгорон муборак бод!

Омӯзгор, устод, муаллим! Ин вожаҳо барои аҳли ҷомеаи мо аз дер, ҳанӯз аз замонҳои Шуравӣ муқаддасу шариф ба шумор рафта, дар даврони соҳибистиқлолии кишвари азизамон Тоҷикистон мазмуну моҳияти фароху густурдатарро соҳиб гардид. Омӯзгорон ҳамчун қишри соҳибтафаккуру созанда, неруи зиёбахши маънавии насли наврас, тарбиятдиҳандаи ҳазорон – ҳазорон толибилме шинохта мешаванд, ки бо заҳмати ҳалол, фидокорона ва аз сари сидқу садоқат ба фаъолияти ибратбахши худ ифтихори миллат ва Ватан гардидаанд. Тавре маълум аст, баъди ба истиқлол расидан боди сарду нохуши воқеаҳои фоҷиабор вазидаву фазои ҷумҳурии моро фаро гирифт ва сабаби сар задани ҷанги дохилии маъшуму фалокатбор гардид. Ин ҷанг талафоти калон ва қурбонии бешумори одамонро дар пай дошт. Аз дасти камонбадастони бетараҳҳум ҳамарӯза хавфи маҳв ва ба ҳалокат расидани одамони бегуноҳ мушоҳида мегардид. Маҳз дар чунин рӯзҳои воқеан даҳшатангез, ки кишвар дар вартаи фано қарор дошт, омӯзгорони соҳибиродаву фазилатоин ва фидоию ватандӯсти мамлакат зери дуду оташи ҷанг, бо амри дилу виҷдон аз остонаи мактаб дур нашуда, бо бурдаи нону косаи обе қаноат карда, ба таълиму тарбияи насли наврас бо сари баланд идома бахшиданд. Воқеан, тӯли солҳое, ки ҷанги бемаънӣ давом меёфт, омӯзгорони сарсупурдаи кишвар мактабро тарк накарда, моҳҳои дароз бе маош, дар вазъи бағоят вазнин, ҷон дар каф аз пайи сабақ додани фарзандони мардум камари ҳиммат бастанд. Он рӯзҳо чун хоби сиёҳе гузаштанду ба рӯзҳои неку хуррам ва боамну рифоҳ расидем, вале хидматҳои ҷоннисоронаи устодону омӯзгорон ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотир зудуда намешавад. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми неруи худро ба рушду пешрафти соҳаи маориф ва беҳтару самарабахш гардидани сатҳи таълиму тарбия равона намуда, соҳаи мазкурро афзалиятнок эълон карданд. Бо талошҳои дилсӯзонаи Сарвари давлат ва иқдомоти Ҳукумату давлат аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри рушду таҳаввули соҳаи

**Бозгул ДОДХУДОЕВА,
собиқ вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

маориф барномаҳои зиёди давлатӣ қабул гардиданд. Муҳимтар аз ҳама, обрӯву нуфуз ва мақоми омӯзгор баланд гардида, марҳала ба марҳала музди меҳнати онҳо зиёд карда шуд.

Ҳамаи устодону омӯзгорони ҷумҳуриро ба рӯзи саид, иди касбияшон шодбош гуфта, ба онҳо саодати абад, зиндагии шукуфон ва дар фаъолияташон пешравиҳои навин таманно дорам.

**Мунира ИНОЯТОВА,
собиқ вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мо дар арафаи ҷашне қарор дорем, ки бошукӯҳ, нишотбахш ва таърихӣ ба шумор меравад. Ин иди муаллимон ё тавре қабул шудааст, Рӯзи омӯзгорон мебошад. Воқеан, омӯзгор, устод, тарбиятгар, ки дар таълиму сабақ омӯзондан ва ба камол расонидани насли ояндасози соҳибтафаккур, дорои ҷаҳонбинии фарох, донишманду кӯшо заҳмати фаровон мекашад, лоиқи садҳо ситоишу таҳсин мебошад. Маҳз омӯзгор аст, ки асосҳои илму дониш, ахлоқи наку ва тарбия намудани шогирдонро дар рӯҳияи хештаншиносӣ, эҳсоси волои ватандӯстӣ ва ормонҳои миллӣ ба роҳ монда, баҳри рушду пешрафт ва шукуфоии кишвар хидмати мондагор анҷом медиҳад. Омӯзгорӣ касбест заҳматталаб, душвор, вале дар айни ҳол бошарафонаю наҷиб. Зеро ҳарфу ҳиҷои нахустинро аз омӯзгор омӯхта, марҳала ба марҳала рушду такомул меёбем, сухангӯю каломоро ва дар ҳалли мушкилиҳо донову тавоно мешавем. Дилсӯзию меҳрубонӣ, самимият, оташи фурӯзони меҳри қалб, садоқату наҷобат ва серталабию сахтгирии содиқонаи устод аст, ки ҷомеа бо неруи насли нав ва ҷавонон зебову шукуфо мешавад, пеш меравад. Имрӯз дар Тоҷикистони азиз обрӯю нуфуз ва қадру манзалати омӯзгор, бо дастгириҳои ғамхоронаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳукумату давлати ҷумҳурӣ хеле баланд гардидааст. Барои омӯзгорон баҳри дар сатҳи баланд баргузор намудани машғулиятҳо, таълиму тарбияи хонандагон, дар маҷмуъ, фаъолияти серҷабҳаву густардаи педагогӣ тамоми шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд. Беҳуда Сарвари давлат муаллимро ақл, шараф ва виҷдони ҷомеа наҳисобидааст. Хидмати устодону омӯзгорон дар тарбияи ҳазорон шогирдони соҳибкасбу лаёқатманд тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ хеле бузург аст, ки онҳо ифтихори ватану миллати мо мебошанд.

Аз ин рӯ, дар рӯзи муборак, ҷашни омӯзгорон устодони азизро самимона шодбошу таҳният гуфта, ба онҳо зиндагии босаодат, умри бардавом ва дар фаъолияти минбаъдаи омӯзгорияшон муваффақиятҳо орзумандам.

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,
академик, собиқ вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Омӯзгор маҳбубтарин шахс дар ҳар ҷомеа буда, ҳамагон пеши ӯ бо камоли эҳтиром сари таъзим фуруд меоваранд. Имрӯзу фардои ҷомеа бо ҳастиву фаъолияти омӯзгорон иртиботи ҳамешагиву ногусастанӣ дорад. Омӯзгоронанд, ки машъали фурӯзони илму маърифат ба даст доранд ва барои ҳамагон роҳи росту дурустро равшан мекунанд. Парчамафрозони илму маърифат, обрӯву эътибори миллат маҳз омӯзгорон мебошанд. Ташаккулу такомули хислатҳои волои инсонӣ дар насли наврас, насле, ки фардои мамлакатро бунёду обод месозад, вобаста ба заҳмату фаъолияти бофайзу ҳамешагии омӯзгорон аст. Халқе, ки омӯзгорро арҷ мегузарад, эҳтиром мекунад, пайваста пирӯзу пешрав хоҳад буд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзгорон ва ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус ва эътимоди баланд доранд ва батакрор таъкид мекунанд, ки агар мо ояндаи шукуфону босаодати миллатро таъмин кардан хоҳем, бояд аҳлона рӯй ба соҳаи маориф биоварем ва баҳри пешрафти ин соҳа ба алоқамандони таълиму тарбия мададгор бошем. Пешвои муаззами миллат басо самимона омӯзгоронро чунин ситоиш кардаанд: «Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии дили худро бедареғ ба шогирдон – фарзандони миллат медиҳад ва хешро аз он хушбахт мешуморад. Имрӯз дар ҷомеаи озоду осоиштаи мо масъулияти омӯзгор боз ҳам афзудааст». Ин эҳтиром ва баҳои баланди Сарвари кишвар, албатта, боиси ифтихори аҳли маориф аст ва онҳоро ҳидоят бар он мекунад, ки фаъолияташонро боз ҳам тақвият бубахшанд ва рисолати бузурги худро дар назди Ватани маҳбуб пайваста дар сатҳи олӣ иҷро намоянд.

Рӯзи омӯзгорон ҷашни бузургу пурифтихори аҳли кишвар аст ва месазад, ки бо таври пурвусъату пурмуҳтаво таҷлил гардад ва далели равшани ихлосу эҳтироми аҳли ҷомеа ба парчамафрозони донишу маърифат – омӯзгорон бошад.

Фархундаҷашн муборак, омӯзгорони азизу арҷманд!

Дар пойтахти ҷумҳурӣ Созишнома оид ба маблағгузорӣ миёни Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд ба имзо расид.

Фурӯзон бод умре бар сари мо
Чароғи илму ирфони муаллим!

ТАМАННИЁТ

ҷашни ҳамагонист

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи афзалиятноки сиёсати давлат эълон кардаанд. Зиёд намудани маоши кормандони соҳаи маориф, баробар кардани маоши кормандони муассисаҳои томактабӣ ба дараҷаи омӯзгорони мактабҳои ибтидоӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, афзун намудани маоши кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, АМИТ, институтҳои таҳқиқотӣ, баланд бардоштани стипендияи донишҷӯён, тармим ва таъмири хобгоҳҳо барои донишҷӯёни ятиму бепарастор ва онҳое, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, инчунин, муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон ва монанди инҳо ба рушди бесобиқаи маориф мусоидат карданд.

Боиси хушнудист, ки чун анъана дар арафаи иди касбии омӯзгорон як идда беҳтарин омӯзгорони ҷумҳуриамон, ки дар пешрафт ва рушди соҳаи маориф саҳми арзанда мегузоранд,бо нишонҳои соҳавӣ, унвонҳои баланди давлатӣ, инъомҳо ва дигар туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ мегарданд. Маҳз дар замони истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳ ба омӯзгорон зиёд гардид ва чанд қарору санаде, ки дар ин соҳа ба тасвиб расидааст, ба хотири боз ҳам пешрафта будани соҳаи маорифи кишвар мебошад.

Дар баробари ҳамаи ин, Ҳукумати Тоҷикистон як қатор барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳими дигари меъёриву ҳуқуқиро қабул кард, ки ҳар кадоми онҳо барои такомули соҳа муҳим ва арзишманданд. Гузариши муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба низоми таҳсилоти салоҳиятнок, яъне вобаста ба салоҳиятҳои касбӣ омода кардани мутахассисон дар ҳама риштаҳо, ба маблағгузории сарикасӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ба низоми баҳогузории бисёрхола гузаронидани муассисаҳои

Нуриддин САИД,
узви вобастаи АМИТ,
собиқ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

таҳсилоти миёнаи умумӣ ё худ татбиқи фарҳанги арзёбии бисёрхолаи дониши хонандагон, омодагӣ ва гузаштан ба низоми 12-сола бо гирифтани маълумоти умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳия ва қабули Кодекси маорифи Тоҷикистон аз ҷумлаи ин тадбирҳо ба ҳисоб мераванд.

Акнун вақти он расидааст, ки мутасаддиён татбиқ ва иҷрои ин санадҳои муҳим ва нақшаву чорабиниҳоро таъмин намоянд. Низоми таълим ва раванди он, пеш аз ҳама, ба сифати дарс ва ба масъулиятшиносиву фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгор алоқаманд мебошад. Ман бовар дорам, ки омӯзгорони мо рисолати азалии хеш – таълим ва тарбияро чун ҳамешагӣ ба зимма мегиранд. Дар ин рӯзҳои таҷлили идошон ба кулли омӯзгорони ҷумҳуриамон барору комёбӣ ва дар фатҳи қуллаҳои баланди касбӣ муваффақият мехоҳам.

Омӯзгорӣ пешаи пуршараф аст. Рисолати таълиму тарбияи насли наврас дар ҳама давру замон, ҳамчунин, масъулияти намуна будан ва пешоҳангӣ, раҳнамоӣ ва ҳидоятгарӣ бар дӯши омӯзгорон ва устодони соҳибтаҷриба аст. Бевосита бо ҳидояти омӯзгорону устодон ҳамаи мо соҳиби донишу маърифат, фаросати маънавӣ ва фарҳанги шаҳрвандӣ гашта, моҳияти ҳаёту масъулияти Ватану ватандориро шинохтаву дарк кардаем. Бинобар ин, ҳамеша ба омӯзгор эҳтиром қоилем, бо муҳаббату самимият номи устодони имрӯзаву гузаштаро гиромӣ медорем ва аз таҷрибаи бузурги онҳо дар рӯзгори худ ба таври фаровон истифода мебарем.

Мо хуб медонем, ки масъалаҳои мубрами соҳаи маорифро Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди муҳокима қарор дода, барои бартараф кардани камбудиҳо ва беҳтар кардани сифати таълиму тарбия қадамҳои ҷиддӣ мегузоранд.

Бо мақсади мавриди баррасӣ қарор додани бурду бохти соҳаи маориф ва мавриди таҳлил қарор додани он аз диди талаботи имрӯза ва меъёрҳои байналмилалӣ бо кормандони соҳаи маориф, собиқадорон маслиҳату машварат менамоянд, ки ин ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти минбаъда ва амалӣ кардани як силсила дигаргуниҳои мусбӣ дар соҳаи

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик, собиқ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

таълиму тарбия такони ҷиддӣ хоҳад дод.

Гузаронидани ҳар гуна ислоҳот ҳадафмандона аст ва он фароҳам овардани фазои солим ва шароити мусоид барои таълиму тарбияи насли наврас, бунёди таҳкурсии мустаҳками маориф ва фарҳанги миллӣ дар ҷомеа мебошад. Боиси хушист, ки Вазорати маориф ва илм ва дигар мақомоту ниҳодҳо дар арафаи Рӯзи омӯзгор онҳоро қадрдонӣ намудаву аз заҳматҳои зиёди хастанапазирашон ёд мекунанд.

Кулли омӯзгорони ҷумҳуриамонро бо рӯзи касбиашон табрик гуфта, бароямон сиҳатии комил, умри дарози пурбаракат таманно дорам.

Ҷамшед Ҷӯразода, муовини аввали вазири маориф ва илм: - Суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа шарти асосии тараққии ёфтани ҳар давлат аст. Муассисаҳои соҳаи маориф кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа босубот бошад. Танҳо фарзандони хуб таълиму тарбиятёфта метавонанд, ки суботи ҷомеаро нигаҳ доранд. Зеро маориф насли наврасро бо арзишҳои солим ва арзанда шинос мекунад. Онҳоро бунёдкорию созандагӣ ҳидоят менамояд.

***

Муҳаммадулло Лутфуллоев, академики АТТ: - Ман бо ояндаи дурахшони маориф ва муаллим бовар дорам. Зеро халқи мо китобдор аст ва албатта, китобхон ҳам мешавем.

***

Абдураҳмон Қурбонов, доктори илми фалсафа: - Вақте ки «мушкилоти соҳаи маориф» мегӯем, набояд ягон фарде андеша кунад, ки ин мушкилот танҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст. Маориф соҳае мебошад, ки аз хурд то бузург, ҳама ба он алоқамандӣ доранд ва дар ҳалли мушкилоти он ҳеҷ кас ҳақ надорад бетарафӣ зоҳир намояд, яъне худи ҷомеа бояд маорифпарвар бошад ва фақат дар ин сурат мо муваффақ шуда метавонем.

***

Ирина Каримова, ноиби президенти АТТ, доктори илмҳои педагогӣ: - Ман фикр мекунам, ки эҳтироми муаллим дар дасти худаш аст. Агар ӯ дониши воқеӣ дошта бошад, агар ӯ ба шогирдон меҳрубон бошад, агар самимияташ ба атрофиён воқеӣ бошад, агар бо шогирдон забон ёфта тавонад, назди шогирдон ва падару модарони онҳо муътабар мемонад.

Роҳбар бояд хурдтарин ҷузъиёти меҳнати муаллимро

мушоҳида кардаву ба ӯ баҳогузорӣ намояд. Ҳатто як лутфу таҳсини ӯ метавонад, муаллимро миёни шогирдону волидон муътабар ва ба кор дилгарм гардонад.

Муаллим мисли марворид аст, чунин марворидҳоро маҳз роҳбар метавонад пайдо намуда ба «шадда табдил диҳад».

***

Шариф Зариф, иқтисодшинос: - Ба фикри ман, муаллим бояд МУАЛЛИМ будани худро назди шогирдон исбот карда тавонад. Ҳам аз лиҳози зоҳир ва ҳам аз лиҳози ботин муаллим бояд зебо бошад, бо баён ва муносибати наку мавриди таваҷҷуҳи шогирдон қарор гирифта тавонад.

***

Марям Давлатова, равоншинос: - Омӯзгор бояд педагоги модарзод бошад, касбашро дӯст дорад ва эҳтиром кунад, чун педагогро бо усулҳои техникӣ сохта намешавад.

***

Муҳаммад Ғоиб, шоир: - Касе нест, ки ба маориф пайванд ва аз омӯзгор таълим нагирифта бошад. Ман барои устодонам, муаллими аввалинам борҳо шеър навиштаам. Одам ба кадом зинаҳои муваффақият расад, боз ҳам бояд қадри омӯзгорро донад, ӯро падарвор ҳурмат кунад.

***

Саида НАБИЗОДА, рӯзноманигор, мактабшинос: - Имрӯз мо бояд бо ҳамбастагӣ барои омӯзгорон шароите муҳайё созем, ки онҳо ғайр аз вазифаи худ кори дигаре накунанд. Дар ин сурат ҷомеа дарк мекунад, ки омӯзгор дар пешрафти ҷомеаи мутамаддин, воқеан, шахси асосист.

***

Маҳмадалӣ Азизӣ, доктори илмҳои педагогӣ: - Ҳақиқатан, омӯзгорон аз заҳматкаштарин қишри ҷомеаанд, ки барои дигарон умри худро сарф мекунанд. Дар шароити имрӯза таълиму тарбияи насли наврас кори осон нест, ғайрату қудрати махсус мебояд, то аз уҳдаи ин вазифаи пурмасъул баромад.

***

Бунафша Ғаниева, омӯзгор:

- Омӯзгори асил ҳаргиз дунболи шуҳрату сарват намегардад. Баръакс, шуҳрату сарват аз пайи ӯянд. Сарвату шуҳрати омӯзгор шогирдонаш хоҳанд буд. Сарбаландиву номи наку тавассути шогирдон ӯро дунболгир мешавад. Шогирдон танҳо ҳамон вақт мояи ифтихору сарфарозӣ мегарданд, ки омӯзгор ҳама ҳастияшро бароямон бахшида бошад

«ОМӮЗГОР»

Дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Унсурҳои худогоҳӣ дар осори бозмондаи Рӯдакӣ» конференсия баргузор гардид.

ВАСФИ ОМӮЗГОР

Чӣ қадар муҳим, бузург ва мақаддас аст масъулияти тарбиятгар; тамоми ҳаёти инсон вобаста ба ӯст.

Шогирд ҳеҷ гоҳ комилтар аз устод намешавад, агар дар ӯ на рақиб, балки намунаро бубинад.

В.Г. Белинский

Сирри омӯзиши ҳақиқӣ дар он аст, ки биандешӣ; он чиро, ки ин субҳ биомӯхтӣ, гӯё аслан тамоми умр медонистӣ.

Ҳикмати аврупоӣ

Ба омӯзгорон сухан на баҳри он аст, ки афкори худро ба дигарон бор кунанд, балки баҳри он аст, ки афкори дигаронро бедор кунанд.

В.О. Ключевский

Ифтихормандии омӯзгор аз он бояд бошад, ки дар марзи афкори шогирдон чӣ тухме коштааст.

Д.И. Менделеев

Омӯзгори ҳақиқӣ онест, ки бо гузашти айём эҳтиёҷи шогирдаш ба ӯ намонад.

Т. Каррутерс

Ба ман омӯзгороне мақбуланд, ки ба истисноӣ вазифаи хонагӣ боз чизе диҳанд, то моро ба андеша кардан водорад.

Л. Томлин

Омӯзгор бояд худ чуноне бошад, ки шогирдашро дидан мехоҳад.

В.И. Дал

Нишот аз эҷод ва донишварӣ дар умқи дили шогирдон парваридан волотарин ҳунари омӯзгор аст.

А. Эйнштейн

Омӯзгори воқеӣ на онест, ки ба ту ҳамеша мадад мерасонад, балки онест, ки ҳамеша раҳнамоият мекунад.

М.А. Светлов

Омӯзгори бошараф бояд ҳамеша худ талабаи бодиққат бошад.

М. Горкий

Санъати омӯзиш санъати мададгорӣ ба кашфиётҳост.

М. В. Дорен

Омӯзгор ба шогирдон набояд худи ашёро, балки моҳияти онҳоро тавзеҳ бахшад.

П. Коэло

Ман омӯзгор нестам, балки онеам, ки шуморо бедор мекунад.

Р. Фрост

Омӯзгори хуб шогирди бадро хуб мекунад, шогирди хубро – бузург.

М. Коллинз

Одам танҳо аз оне меомӯзад, ки дӯсташ медорад.

Оне, ки ба мо меомӯзад, омӯзгор ном дорад, аммо на ҳар омӯзанда шоистаи ин ном аст.

И.В. Гёте

Вақте ки шогирдони мо ноком мешаванд, мо низ маҳкум ба нокомием.

М. Коллинз

Омӯзгори ту на онест, ки туро меомӯзад, балки онест, ки ту аз ӯ биомӯзӣ.

Р. Бах

Чун омӯзгорӣ, бояд се нуктаро бидонӣ: фанни худро, онеро, ки меомӯзӣ ва тарзи омӯзониданро.

Л. Маей

Ҳамаи чизҳои заруриро омӯзонидан имкон надорад; омӯзгор бояд бештар роҳи омӯзишро биомӯзад.

Р. Олдингтон

Омӯзгори миёнаҳол ҳикоят мекунад. Омӯзгори хуб шарҳ медиҳад. Омӯзгори хеле хуб намоиш медиҳад. Омӯзгори олӣ илҳом мебахшад.

У.А. Ворд

Ба шогирдон намуна будани устод бартар аз омӯзонидани ӯст.

Ж. Жубер

Омӯзгори хуб чун шамъест, ки худ месӯзаду роҳи дигаронро равшан мекунад.

Ҳикмати осиёӣ

Шогирдон аз он ғизое баҳра мегиранд, ки омӯзгор бароямшон таҳия кардааст.

К. Краус

Ҳадафи асосии ҳар омӯзгори варзида на дониши худро ба шогирдон омӯхтан, балки дар онҳо меҳр ба дониш парваридан аст.

Ф. В. Робертсон

Агар шумо дониш доред, бигзор, дигарон аз он шамъи худро фурӯзон кунанд.

Т. Фуллер

Худ зудтару беҳтар меомӯзӣ, чун дигаронро биомӯзӣ.

Р. Люксембург

Омӯзгор он гоҳ мамнун аст, ки шогирдашро ситоиш бикунанд.

Ш. Бронте

Оне, ки меомӯзад, набояд худ лаҳзае фориғ аз омӯзиш бошад.

Р.Г. Данн

Ман ҳеҷ гоҳ шогирдонамро намеомӯзам, балки барои омӯзиши онҳо шароит фароҳам меоварам.

А. Эйнштейн

Омӯзгорон бартар аз волидайнанд, зеро волидайнамон ба мо ҳаёт мебахшанд, омӯзгорон – ҳаёти хушбахтона.

Арасту

Омӯзгори ҳақиқӣ пулест, ки тавассути он шогирдон аз дарё мегузаранд. Шогирдони ҳақиқӣ рӯзе худ пул мешаванд барои дигарон.

Н. Казандзакис

Оне, ки ба дили кӯдак роҳ ёфта наметавонад, омӯзгор нест.

Б. Дакийский

Оне, ки дар заминаи омӯзиши гузашта ояндаро месозад, омӯзгори ҳақиқист.

Конфутсий

Омӯзгоре беҳтарин аст, ки суханаш бо амалаш якест.

К. Старший

Омӯзгори хуб бештар савол медиҳад, на ҷавоб.

Д. Алберс

Ба оне бештар бовар бояд кард, ки меомӯзад, на ба оне, ки фармон медиҳад.

А. Блаженний

Вақт бузургтарин омӯзгор аст, вале афсӯс, ки тамоми шогирдонашро мекушад.

Л.Г. Берлиоз

Пешаи пурифтихор ва масъулиятбор

Омӯзгорро масъулияти бузургест: ӯ одамро ташаккул мебахшад. Омӯзгор муҳандиси рӯҳи инсонҳост.

М.И. Калинин

Омӯзгорӣ бояд дар заминаи ғояҳо бошад, на далелҳои фаровон.

Ҳикмати аврупоӣ

Омӯзгорони мактаб ба ҳокимияте соҳибанд, ки вазирон орзу мекунанд.

У. Черчилл

Омӯзгорони варзида бо мадади дили худ меомӯзанд, на бо мадади китоб.

Ҳикмати амрикоӣ

Омӯзгор бояд нахуст дар шогирд хоҳиши омӯзишро парварад, дар акси ҳол, ба оҳани сард путк хоҳад кӯфт.

Х. Манн

Вазифаи омӯзгор кушодани дар аст, на ба ин дар дарун кардани шогирд.

А. Шнабел

Хатои омӯзгор аз ҳама бештар дар хотири шогирдон нақш мебандад.

А. Лигов

Беҳтарин хислати омӯзгор он бояд бошад, ки ба гуфтааш содиқу устувор бимонад.

И. Златоуст

Аз омӯзгоре омӯхтан душвор аст, ки «чун ман бикун» бигӯяд, аз омӯзгоре бештар метавон омӯхт, ки «бо ман бикун» бигӯяд.

Ж. Делез

Муҳаббат ба омӯзгор таҳсили шогирдонро бафайз, басуръат ва фарогир месозад.

Сюн Тзи

Ба дигарон омӯхтан бештар заҳмат металабад, нисбат ба он ки худ биомӯзӣ.

М. Монтен

Омӯзгор, бидон: табассуми ту бартар аз ҳазор сухан аст!

К.Д. Ушинский

Ҳайфи шогирде, ки дуртар аз устоди худ надид.

Д. Винги

Оне, ки хонандаи хуб набуд, муаллими хуб буда наметавонад.

Боэтсий

Аз русӣ тарҷумаи
А. МУРОДӢ

Маърифатбахшу тарбиятгар

Дар таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ, давлатдории тоҷикон пас аз Истиқлоли давлатӣ бо татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои

сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабию мушкилоти замони гузариш, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маорифро соҳаи афзалиятнок эълон намуда, омӯзгор дар ҷомеа ҳамчун неруи тавоно мақому манзалати воло ва ҷойгоҳи махсуси ифтихориро соҳиб гашт. Ба омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус равона гардида, барои кор ва фаъолияти судманду мондагори онҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Омӯзгор равшангари илму маърифат ва машъалафрӯзу раҳнамои рӯзгори ҳар як фард ба ҳисоб меравад. Эътиқодоти мардуми мо нисбат ба устод ва омӯзгор аз қадимулайём вуҷуд дошт ва то абад боқӣ хоҳад монд. Шеъри машҳури пири сухан Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ далели ин гуфтаҳост:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.
Ҳеҷ Мавлоно нашуд мавлои Рум,
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.

Боиси хурсандӣ ва сарфарозии мо – кормандони соҳаи маориф ва омӯзгорон аст, ки барои қадр кардани заҳмат ва фаъолияти пурсамари омӯзгорон дар самти таълиму тарбияи насли наврас ҳар сол дар ҳафтаи аввали моҳи октябр Рӯзи омӯзгорон дар кишвари биҳиштосоямон Тоҷикистони азиз бошукӯҳу тантана таҷлил мешавад:

Ҷашн дорад ин замон дар мамлакат
омӯзгор,
Тирагиро дур созад, нур бахшад рӯзгор.
Қадри ӯ хеле баланд гардид андар ин
замон,
Нест мисли ӯ касе болонишин дар
ҳар макон.

Дар ин рӯз омӯзгорони навовару эҷодкор ва таҷрибаманду соҳибкасб аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷоизаҳо ва мукофотҳои соҳавӣ сарфароз гардонида мешаванд. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки Роҳбарияти олии мамлакат ба омӯзгорон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир ва нақши онҳоро дар таълиму тарбияи насли наврас муҳим арзёбӣ менамоянд.

Муҳибулло НИЗОМОВ,
сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПЕШНИҲОД ВА МУЛОҲИЗА

Поягузори илму адаб

Мутафаккирони ҳар давру замон дар таълиму тарбияи насли наврас мавқеи махсус доштани омӯзгорро таъкид намуда, оид ба масъалаи тайёр намудани омӯзгорони оянда ва сифатҳои шахсии онҳо фикрҳои ҷолиб баён намудаанд.

Бақавли мутафаккирони форсу тоҷик, агар омӯзгорон ба тарбияи насли наврас эътибори ҷиддӣ диҳанд, онҳо ҳамчун шахсони ҳалиму меҳрубон, ростқавл, поквиҷдон, фурӯтан, меҳнатдӯст, хоксор, поктинат тарбия ёфта, ба камол мерасанд. Дар ин бора ақидаҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби «Футувватномаи султонӣ» ҷолиб мебошанд.

Ба таъкиди Кошифӣ, ҳамон кас пири комил, яъне омӯзгори ҳақиқӣ эътироф мегардад, ки шартҳою меъёрҳои пешаашро донад ва онҳоро дар худ ташаккул дода бошад.

Кошифӣ оид ба мавқеи муаллим дар ҳаёти ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ фикрҳои пурқиммат баён намудааст. Ӯ таъкид мекунад: бидон, ки ҳеҷ коре бе устод муяссар намешавад ва ҳар ки бе устод коре кунад, бебунёд бошад.

Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.

Ин пири хирад дар ҷойи дигар мефармояд:

Ҳар ки бе устод кард огози кор,
Кору бори ӯ надорад эътибор.
Домани устод гиру шод шав,
Муддате хидмат куну устод шав.

Адиби барҷаста Камолиддини Биноӣ насли ҷавонро даъват мекард, ки устодро азиз доранд ва ҳурмату эҳтиром намоянд. Касе, ки устоди худро ҳурмат намекунад, ӯ дар ҳаёт ба ҷое намерасад. Биноӣ ҳурмати устодро дар ҷои аввал гузошта, эҳтироми ӯро нисбат ба падар афзалтар мешуморад ва дар ин бора мегӯяд:

Ҳаққи устод аз падар беш аст
В-аз падар устод дар пеш аст.
Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз нақот баҳра диҳад.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳақиқат, муаллим дар тарбия ва ба камол расонидани шахси комил ва фозили ҷамъият нақши муассир мегузорад ва ин ақида дар эҷодиёти Восифӣ боз ҳам равшантару таъсирбаш ифода ёфтааст:

Ҳурмати устод ҳар ки надошт,
Алами илм дар ҷаҳон нафрошт.

Сайидои Насафӣ ҳам мавқеи муаллимро баланд арзёбӣ кардааст. У таъкид намудааст, ки инкишофи тамоми сифатҳои неки инсонӣ маҳз зери роҳбарии бевоситаи тарбиядиҳанда ба амал меояд. Агар хонандаро омӯзгор дар овони таҳсил дар мактаб аз таҳти дил таълиму тарбия диҳад, ӯ, бешубҳа, дар ҷомеа соҳибэҳтиром ва шахси баландмартаба мегардад. Сайидо дар бораи он, ки ҳеҷ кас бе роҳбарии мураббӣ одами комил ва боэътибори ҷамъият шуда наметавонад, чунин навиштааст:

Бе мураббӣ нашавад ҳеҷ касе соҳибном,
Сангро мекунад афлок ақиқи ямонӣ.

Оид ба масъалаи нақши муассир доштани омӯзгор ва мақоми ӯ ақидаҳои панду ахлоқии Насриддини Тусӣ хеле ҷолиб мебошанд. Ӯ таъкид намуда, ки тарбияи насли наврас аз бисёр ҷиҳат ба инкишофи санъати омузгорӣ вобаста мебошад. Насриддини Тусӣ нисбат ба омӯзгор чунин талабот ба миён гузоштааст: маҳорати ташкил намудани баҳс, ки исботи раднашавандаро дар худ доро бошад; боварии амиқ ба сухани гуфта; нутқи хуб; ба мантиқ баён намудани маводи таълимӣ.

Донишманди номвар Закариёи Розӣ менависад: тарбиятгарро зарур аст, ки камбудӣ ва норасоиҳои тарбиягирандагонро сари вақт ва ошкоро нишон диҳад ва ҳеҷ вақт аз шогирдон хафа нашавад, бо тамасхур ба онҳо нанигарад, нисбат ба онҳо ҳисси нафрат надошта бошад ва аз онҳо хафа нашавад.

Ақидаҳои педагогии Абуалӣ ибни Сино нисбат ба пешаи омӯзгорӣ дар асарҳояш «Тарбияи оилавӣ», «Омӯзишу парвариши мадрасии фарзанд» ва «Тадбири манзил» хеле равшан зикр ёфтаанд

Абуалӣ ибни Сино дар назди

омӯзгорон-тарбиятгарони насли ҷавон як қатор талабот ба миён гузоштааст, ки дар зер чанде аз онҳо оварда мешавад:

1. Омӯзгор зимни муносибат бо кӯдакон нармдил бояд бошад.

2. Дар ҷараёни таълим омӯзгор бояд усулҳои гуногуни таълимро истифода барад.

3. Омӯзгор бояд маҳорати муайян кардани хотира ва дигар қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро дошта бошад.

4. Омӯзгор бояд дар хонандагон шавқи илмдӯстиро бедор намояд ва хонандагонро мунтазам ба такрори чизи омӯхташуда талқин намояд.

5. Фикри муаллим ба хонандагон дастрас бошад.

6. Ҳар як сухани омӯзгор бояд бо имову ишора ифода ёбад ва таълими бо чунин усул ба роҳ мондашуда дар кӯдакон ҳиссиёти эмотсионалиро ба вуҷуд меоварад.

7. Пеш аз он ки муаллим ба таълими хонандагон шуруъ кунад, бояд хусусияти фардии ҳар як хонанда ва шавқу ҳаваси онҳоро ба ҳисоб гирад.

Талабот ба омӯзгор ва касби омӯзгорӣ дар замони муосир боз ҳам афзудааст.

Ҳамон нафаре омӯзгори ҳақиқӣ шуда метавонад, ки агар соҳиби дили бузург боша два ба дунёи афсонавии кӯдакон ворид шуда тавонад.

Омӯзгоре, ки мақсади худро фақат иборат аз дониш додан ба хонандагон медонаду аз онҳо итоати бечуну чароро талаб мекунад, ҳеҷ гоҳ дар дили хонандагон меҳру муҳаббати самимиро парварида наметавонад.

Омӯзгор дар кори тарбияи хонандагон дар сурате ба муваффақият ноил шуда метавонад, ки агар дили кӯдакро аз ҳиссиёти баланд ба шӯр оварда тавонад. Ҳамзамон, омӯзгор дили хонандаро чунон тасхир намояд, ки ӯ ягон сирри худро аз устод пинҳон карда натавонад. Маҳз дар ин сурат педагоги хирадманд барои шогирдонаш падари маънавӣ шуда метавонад.

Файз ГУЛМАДОВ,
доктори илмҳои педагогӣ,
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

САТРҲОИ САМИМӢ

Офтоби маънавият

Муаллим офтобе дон, ки
метобад ба баҳру бар,
Зи нури илм равшан менамояд
даҳрро яксар.

Зери ин мисраъҳо муҳаббати самимие нисбат ба омӯзгор нуҳуфтааст. Офтобро барои гарміву рӯшанияш истиқбол мекунанд. Вақте ки субҳ тулуъ мекунад, олам аз партави он мунаввар мегардад, хуршед худ месӯзад, то хушбахтии зиндагии дигаронро таъмин намояд.

Муаллим ҳам бо нури илму дониш ба тамоми олам рӯшанӣ меафканад. Ин партави заковату маънавияти инсон аст, ки имрӯз коинотро фатҳ менамояд. Ба вуҷуд омадани технологияҳои навтарини замонавӣ, рушди воситаҳои иттилоот, кашфи тамоми нуқтаҳои Замин, баромадан ба кайҳон ва монанди инҳо натиҷаи рушди тафаккури инсон мебошанд, ки бо такмили донишу маънавият ба даст омадааст. Пас, муаллим шахсе одӣ нест, балки масъули имрӯзу ояндаи инсон мебошад.

Дар ҷомеаи имрӯз, ки технология босуръат ривоҷ меёбаду хонанда ба ҳамаи маводи таълимӣ дастрасӣ дорад ва ҳамчунин, бо истифода аз усули таълими масофавӣ хеле чизҳоро азхуд кардан мумкин аст, боз ҳам эҳтиёҷ ба омӯзгорони варзидаву дорои саводи баланди педагогӣ афзунтар мегардад.

Мавлоно Ҷомӣ бамаврид таъкид мекунад:

Дарси муаллим ар бувад
замзамаи муҳаббате,
Ҷумъа ба мактаб оварад
тифли гурезпойро.

Аз ин мисраъҳо фаҳмидан душвор нест, ки таълими босифат ва муаллими боҳавсала, албатта, дар тафаккури талабагон нақши носутурданӣ мегузорад. Ҳамон вақт дарс дилбазан мешавад, ки муаллим аз усулҳои якрангу бетаъсир истифода бурда, диққати онҳоро ба маводи омӯзиш ҷалб карда натавонад. Дар дарс фаъолияти хонанда аҳамияти муҳим дорад, бинобар ин, истифода аз усулҳои инноватсионии таълим барои сифатнок шудани он мусоидат мекунад.

Барои таълими дурустро ба роҳ мондан аввало тарбияи саҳеҳ мебояд. Зеро фарзанди тарбиянадида мисли гули бебӯй ва оши бенамак аст. Маҳз маънавияти баланд, таҳаммулпазирӣ ва оқибатандешӣ дар натиҷаи тарбияи солим рӯи об меояд. Барои он ки сухани омӯзгор хушку холӣ набошад, шахсияти ӯ низ аҳамияти муҳимро молик аст, зеро тарбия ба дидан бештар самара медиҳад, то шунидан. Аз ин хотир, идеал будани омӯзгор дар тарбияи маънавӣ ва ташаккули маданияти ҷавонон муҳим аст.

Имрӯз усулҳои беҳтарини таълим ва маълумоти ҷолиброро дар мавриди омӯзиш аз Ғарб истифода мебарем, аммо дар масъалаи тарбия ва маънавияти воло ҷавонони мо наметавонанд ба онҳо тақлид намоянд, корҳои онҳоро таҷриба кунанд, аз фарҳанги миллии худ ҳимоя накарда, нисбат ба шахсияти устоди худ бепарво бошанд. Беҳуда нест, ки дар адабиёти гузаштаи мо нисбат ба устод ҳикматҳои пурқимат гуфта, мақоми ӯ хеле баланд арзёбӣ шудааст. Дар ҳамаи давру замон омӯзгор байни мардум эътибори вижае доштаву дорад. Ривоҷи тафаккур ва маънавияти насли ҷавон маҳз ба ибтикору кӯшиши ӯ вобаста аст. Агар омӯзгор босаводу хушмуомила бошад ва тавонад, ки бо ичрои нақ шҳои гуногун ҳангоми дарс ба дили шогирдон роҳ ёбад, шогирдон ӯро барои худ идеал интихоб мекунанд.

Тарбияву таълим ду унсури муҳими такомули шахсият дар ҷомеа мебошанд, ки аз ҳама бештар барои соҳиб шудани ҷавонон ба он омӯзгор масъул аст. Мактабро даргоҳи маърифат донистан низ беҳуда нест, чунки аввалин хиштҳои саводу маънавият дар ҳамин ҷо гузошта мешавад.

А. АБДУҚОДИРОВ,
дотсенти кафедраи фанҳои таърих ва диншиносии ДДҲБСТ

Ҳоло дар факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 10 200 нафар донишҷӯ таҳсил доранд.

СОБИҚАДОРОНИ СОҲАИ МАОРИФ

Мактабшиносони соҳибном

Ёдам меояд. Соли 2012, моҳи январ. Зимистон, барфи баланд борида. Аз дари ҳуҷраи корӣ марде қоматбаланду босалобат, ки шукӯҳу ҷозибае дар зоҳираш муҷассам гардидаву нигоҳи чашмонаш хаёлманд, палто ба тану кӯлоҳи зимистонӣ дар сар ва асо дар даст батамкину солорона ворид шуд.

Аз Марямбоную Саида ҳолу аҳвол пурсид ва ба ман, ки тоза ба кор шуруъ карда будам, бо тааммуқ нигарист, ба саломам алейк гирифт ва ба курсие нишаст. Фазою муҳити дафтари корӣ барфавр тағйир ёфт, садои хандаю суҳбати гарми дилрас бо ба ёдоварию таассуроти хотираҳо ва радду бадали андешаю афкор дар доираи мавзуоту масоили маориф, таълиму тарбия дар дафтари корӣ танин андохт. Марди солманд ҳангоми гуфтугӯйи хушоянду ҷолиб дубора сӯям мутаваҷҷеҳ шуд ва дигар инони сабру таҳаммулро аз даст дода, пурсупосам кард. Чун ному насабамро шунид, ба пирию солхӯрдагияш нигоҳ накарда, бархост аз ҷо ва чанд гоме гаронборона гузошта, оғӯши пурмеҳру падарона кушод, мо шабеҳи шиносони дерину қадим ба чашмони ҳамдигар менигаристем. Аз шӯру шааф ва шавқи дидор нахуст шуълае дар хонаи чашмони марди солманд афрӯхта гардид, сипас, ашк ба тадриҷ мавҷ зад дар дидагонаш. Ман бори нахуст (ҳарчанд ғоибона хуб мешинохтамаш) аз наздик устоди доно ва дар ҳалли мушкилоти соҳаи маориф тавоно, мактабшиносу педагоги варзидаву ҳирфаӣ Ҳабибулло Искандаровро вохӯрда, гӯё сарвати ҳангуфтеро ба каф оварда бошам, ҷилави суханро раҳо карда, мутааҷҷиб ва лолу хомӯш монда будам. Пири мактабшиносон бо шавқу ҷозиба ва бо ҳавсала як-як навиштаҳоямро, ки дар нашрияҳои даврии вақт ба табъ расида буд, тавсиф карда, ҳар замон «бале, нағз, офарин, хуб навиштаӣ, маълум, маълум, ки аз пасту баландӣ ва мураккабию печидагиҳои таълиму тарбия огаҳии комил дорӣ».

-Аз ин бархӯрди ногаҳонӣ сарам ба осмон расид, Шодиҷон, -лабонаш ғарқи табассум гуфт устоди зиндаёд ва афзуд:

-Насиб бошад, аз ин ба баъд зуд-зуд вомехӯрем. Мулоҳизаҳои банда дар боби самту паҳлу ва мушкилоти соҳа зиёд аст. Ягон мақолаи батафсил, серпаҳлу ва ҳадафрас иншо хоҳӣ кард…

Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Мулоқоту суҳбатҳои ману устод, ки дарди мактабу маориф ҳамвора дар қалбаш аланга мезаду оромаш намегузошт, гоҳ дар идораи нашрия, гоҳ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, гоҳе гирди як пиёла чой сурат мегирифт. Мунтаҳо устод исрор карду ба меҳмонӣ даъватам намуд ва то нисфирӯз андешаҳои мактабшиноси соҳибқобилиятро истимоъ кардам. Воқеан, устод он қадар дар кураи мактабу маориф обутоб ёфта буд, ки тамоми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, рисолату масъулияти сарварони мактабҳо (директору ҷонишинҳои вай), сохтори иттиҳодияҳои методии фаннӣ, кори шуроҳои мавҷуда (шурои методӣ, шурои омӯзгорӣ, шурои назди директор), амалу тадбирандешиҳои роҳбарони синфҳо, вазъи таълиму тарбия, ба як сухан ҷамеи муҳтавою ғоя ва ҳадафи ба ном «назорати дохилимактабӣ»-ро аз ёд медонист ва дар зимн, роҳу шеваҳои рафъи норасоию камбудиҳоро баён намуда, маслиҳату пешниҳодҳояшро баҳри хубтару беҳтар гардидани сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии хонандагони муассисаҳои таълимӣ ошкоро, аз сари сидқу дилсӯзӣ изҳор медошт. Ҳосили ин мушоҳидаҳо ва суҳбату вохӯриҳо очерки «Оламе ғунҷида дар одам» мебошад, ки дар нашрияи «Омӯзгор» ба табъ расидааст. Заҳматкашу ранҷбар, бекарору серташвиш ва доим дар ҷустуҷӯ буд ва соле ба гунаи ҳатмӣ 2-3 дастуру китоби илмӣ-методияш ба нашр мерасид. Ҳангоме ки ину он дастуру китобашро тақдимам мекард, изҳор медоштам, ки теъдоди чопашон ниҳоят кам аст (100-200 нусха). Ҳол он ки ин дастуру китобҳоро на кам аз 1000-нусхаӣ ба табъ бояд расонд, то ки ба мактабҳо дастрас гардад ва дар заминаи он роҳбарони таълимгоҳҳо ва омӯзгорону устодон фаъолияташонро ба таври густардаву судманд ба роҳ монанд.

-Аз кучо? –хафаманд оҳе кашида посух медод устод. –Ҳамин китобу китобчаҳоро аз ҳисоби маблағҳои худам азоб кашида чоп мекунам. Кош маро дастгирӣ мекарданд, ғами омӯзгоронро мехӯрданд…Ёдаш бахайр! Ингуна боре, худи ҳамон сол ҳамкорамон акаи Абдурауф дар дафтари корӣ дар хусуси омӯзгори физика, устод Тӯрақул Ҷумъаев ҳарф зада, дар омади гап суол дод:

-Устод шуморо ғоибона мешинохтаанд. Дар бораи он кас чи маълумот доред? Ҷавоб додам, ки оре, ман дар бораи устоди соҳибилму донишвар маълумоту нақлҳои зиёд медонам. Муаллим Т.Ҷумъаев ба бародаронам, акаи Бобобеку Азимхон ҳаққи устодӣ доранд, ба эшон дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ сабақ додаанд. Дар ҳамин асно дари ҳуҷраи кории мо во гардиду марде миёнақади ба мӯяш сафедӣ дамида, либосҳояш мураттабу зебову шинам, чашмону лабонаш хандарез чолокона ворид гардид. Акаи Муродӣ мардро ба ман шинос намуд:

-Худе, ки аз суҳбати мо пешакӣ

огаҳӣ дошта бошанд, ки ана устод Тӯрақул Ҷумъаев бо пойи худ даромада омаданд.

-Охир, беҳуда нагуфтаанд, ки «дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр, аз рӯйи кина кинаву аз рӯйи меҳр меҳр», - дарсоат ба табассуми малеҳ хитоб кард устод Т.Ҷумъаев.

Ва суҳбати рангину нишотафзои мо оғоз гардид. Устод чун дӯсти дилогоҳ дар бораи бародарони бузургам акаи Бобобек ва Азимхон ҳарф зад, лаб ба таҳсинашон кушод, мазмун, босаводу донишманд буданд, аъло мехонданд.

Аз нақли муаллим дарк намудам, ки вай аз ҳамон айёми ба донишҷӯён дарс додан дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ то ҳол ба деҳаи мо сафар ва бо муаллим Саттор Нуруллоев равуо доштааст. Устод Т.Ҷумъаев фаъолияти омӯзгорияшро солҳои 60-уми асри гузашта дар деҳаи Роҳатии ноҳияи Рӯдакӣ (он вақт Ленин) оғоз намуда будааст. Чандин сол ба фарзандони заҳматкашони деҳаҳои Роҳатӣ, Оқчакман, Моинкаҷ, Дуоба аз физика дарс гуфтаву шогирдони зиёдеро ба воя расонида будааст. Баъд барои идомаи кор ва анҷоми таҳқиқоти илмӣ ба ДДОТ ба номи С.Айнӣ пазируфта мешавад. Серкор, бағайрат, неруманд, ҳирфаӣ, дорои ҷаҳонбинӣ ва тафаккури фарох дарёфтам устодро. Ҳам ҳини кор дар мактаби деҳаи Роҳатӣ, ҳам ҳангоми фаъолияти устодию таҳқиқотӣ дар донишкада, ҳам вақти ба таълиму тарбияи хонандагон машғул гардидан дар муассисаи таълимии №53-и шаҳри Душанбе Т.Ҷумъаев бо эҳсоси масъулияти баланд, субҳи барвақт ба мактаб ҳозир шудаву шомгоҳон ба хона бармегаштанд. «Омӯзгори девкор аст, - мегуфтаанд дар бораи ӯ. Ба ҳама кор вақт меёбад. Ба роҳ мондани фаъолияти иттиҳоди методии фаннӣ аз физикаю математика, гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ, ташкил ва баргузории шабнишинию викторинаҳои физикӣ – математикӣ, иштирок дар машғулиятҳои омӯзгорони ҷавон, тайёр намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва… дигар амалу чорабиниҳои бешумор аз амалҳои бардавому мутаассили устод Тӯрақул Ҷумъаев маҳсуб меёбанд. Т.Ҷумъаев умре вазифаи ҷонишини директор оид ба таълими дабистонро ба уҳда дошта, феълан ба синну соли худ (он кас ба синни 78 қадам гузоштаанд) нигоҳ накарда, мушовири директор оид ба корҳои таълимӣ мебошанд. Роҳи сипаридаи муаллими ҳушманду соҳибтафаккур ва ҷӯёву донишманд аз начобату шарофати инсоне ривоят мекунанд, ки кори таълиму тарбияро аз зиндагии шахсияш боло гузошта, ба нафъи Ватану миллат хидмати мондагоре анҷом медиҳад. Аз таҷрибаи солиёни зиёд андӯхтааш мақолаю матолиби омӯзандаву ибратбахш иншо мекунад ва пайваста дар саҳифаҳои нашрияи «Омӯзгори ба табъ мерасонад. Хасташавию шикваю шикоят ва дур мондан аз кори таълиму тарбияро ҳаргиз ба дил роҳ намедиҳад. Дарёдилу фараҳманду хушрӯзгор аст устод, ки ҳалолаш бод!

Дар ин росто, шиносоӣ бо мактабшинос, педагоги соҳиблаёқат, муаллифи китобҳои дарсии синфҳои 1 («Алифбо», ҳамроҳ бо академик Муҳаммад Лутфуллозода) ва «Забони тоҷикӣ» барои синфи 3 (бо ҳаммуаллифӣ) Ибодулло Абдуллоев бароям саҳифаи тозаю омӯзандае аз китоби зиндагӣ ба шумор меравад. Ҳангоми фаъолияти худ устод И. Абдуллоев дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ки ҳамсояҳуҷраи мо буд, онҷунон серкору чобук ва машғули тадриси шунавандагони курсҳо буд, ки аз ҳайрат даҳони кас воз мемонд. Баъд аз нисфирӯз ба таҳриру таҳияи барномаву стандартҳои таълимӣ, роҳнамоиҳои дарсӣ ва таълифи китоби дарсӣ (аз силсилаи «Китобҳои насли нав») машғул гардида, дар кор онҷунон ғарқ мешуду фурӯ мерафт, ки чӣ тавр фаромадани пардаи тирафоми шомро нафаҳмида мемонд. Вай аз мактаби устодон М.Лутфуллозода ва Ф.Шарифзода бо сари баланд гузашта, ҳамчун мактабшиноси соҳибфазилат, ки шаклу шеваҳои навтарини таълимро ҷустуҷӯ, дарёфт ва пешниҳоди шогирдон менамуд, маъруфияти хосаро соҳиб гардидааст. Бардошту андӯхта ва таҷрибаи педагогии худро дар чандин дастуру китоби илмӣ – методӣ нашр ва пешниҳоди устодону омӯзгорон намудааст. Айни ҳол ба донишҷӯёни ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз фанни педагогика дарс мегӯяд ва дар тарбияву ба камол расидани омӯзгорони оянда саҳми муассир мегузорад.

Ошноӣ бо устодони муассисаҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ Шарифи Мирзоҳотам (аз ноҳияи Хуросон), Мукаррам Мелиев (аз шаҳри Исфара), Муллоҷон Аҳмадзода (ноҳияи Рашт), шодравон Қайюм Сангов (аз шаҳри Кӯлоб), Саидаҳмад Набиев (аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), Юсуф Шарифов (аз ноҳияи Мастчоҳ), Мирзо Одина (ноҳияи Ҷайхун), Шафоат Назар (ноҳияи Нуробод), Умарбек Шарифов (ноҳияи Айнӣ), Муродалӣ Наҷмиддинов, Мирзоалӣ Содиқов (шаҳри Душанбе), Азимхон Малахов, Бобобек Рачабов (ноҳияи Рӯдакӣ), Шарифхон Исматӣ (шаҳри Панҷакент), Аниса Ҷӯраева (шаҳри Хуҷанд), Бунафша Ғаниева (шаҳри Душанбе) ва бисёр дигарон бароям рӯҳафзо ва таъсирбахш ҳисоб меёбад. Оре, ин сарсупурдагони чодаи таълиму тарбия ҳама соҳибтаҷриба ва дар пешаи омӯзгорӣ маъруфу шинохта мебошанд. Месазад, ки дар васфу ситоиш ва бозгӯйӣ намудани фаъолияти ибратбахшашон рисолаю китобҳои пуразриш таълиф ва нашр намуд.

Дар ин гуфтаи мо ҳеҷ муболиғаю суханбофӣ вучуд надорад.

Эшон ҳар яке қаҳрамонони даврони моянд. Идатон муборак, устодони азиз!

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

СОЗАНДАГӢ

Бунёди биноҳои нави мактабҳо

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағҳои буҷавӣ дар деҳаи Тудании Ҷамоати деҳоти Шӯрообод ноҳияи Шамсиддини Шоҳин сохтмони бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 оғоз гардид,.

Бино дуошёна буда, дорои хонаи омӯзгорон, китобхона ва синфхонаҳои фаннӣ ва таҷҳизоти зарурӣ мебошад.

Бино ба иттилои масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, дар асоси барномаи давлатӣ оид ба таъмиру навсозии мактабҳо бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд муассиса аз нав сохта, бо тамоми таҷҳизоти таълимӣ таъмин шуданд. Ҳоло дар назди панҷ муассисаи таълимии ноҳия сохтмони биноҳои нави иловагӣ идома дорад. Аз ҷумла, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7- и деҳаи Дараи Оби Ҷамоати деҳоти Доғистони ноҳия, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошт, сохтмони бинои нави иловагӣ барои 240 нафар хонанда оғоз гардидааст.

Бо сабаби зиёд шудани шумораи хонандагон ва мушкилии нарасидани ҷойи нишаст дар муассисаи таҳсилоти умумии №10 –и ноҳия сохтмони бинои нав ба роҳ монда шуд.

Дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода бо 11 забон аз рӯйи 41 ихтисос мутахассис тайёр карда мешавад.

Ҷаҳони назми Мавлоно бапаҳност, Ҳама ашъори ӯ пайванди дилҳост.

ШЕЪРИ ВОЛО

Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ яке аз чеҳраҳои дурахшони адаби форсу тоҷик маҳсуб ёфта, бо эҷоди асарҳои мондагору омӯзанда дар дили мардуми олам маскан гирифтааст. Имрӯз дар кишварҳои олам асарҳои ӯро гаштаю баргашта мехонанд ва ба андешаҳои ҳакимонаю ахлоқияш арҷ мегузоранд. Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд”.

Бояд гуфт, ки сабаби асосии ба эҷодиёти Мавлоно рӯ овардани мардуми зиёде дар кишварҳои гуногуни олам ба он иртибот дорад, ки дар асарҳои ӯ масоили гуногуни ҳаёти ҷомеа воқеъбинона тафсиру тавзеҳ ёфта, ба ҷаҳонбинӣ ва тафаккуру ташаккули шуури ҷомеа таъсири мусбат расондааст. Ҳамчунин, таълимоти Мавлоно ҳамбаста ба зиндагии инсонҳо ҷараён ёфта, эҷодиёти ӯ зиндагӣ, андеша, тафаккур ва талаботи рӯзамарраи ҷомеаро фаро мегирад. Ин омил ба вусъату ташаккул ёфтани ирфону ақлоният ва ахлоқу иҷтимоъ дар осори Мавлоно равияи махсусро ба вуҷуд оварда, ба таълимоти фалсафии ӯ асос гузоштааст.

Бояд гуфт, ки Мавлоно дар бораи дарёфти ҳақиқат сухан мегӯяд, ӯ инсонро ба таҳқиқи олами ботинии худ водор месозад. Дар эҷодиёти Мавлоно худшиносӣ, дарки ҳастии олам ва умуман, рисолати инсон дар зиндагӣ аз масъалаҳоеанд, ки то ҳол ҳам аҳамияти фалсафии худро аз даст надодаанд. Дар баробари ин, дар эҷодиёти Мавлоно масоили ахлоқ ва тарбияи инсони шоиста дар меҳвар қарор дорад. Инъикоси ин андеша дар асарҳои манзуму мансури Ҷалолиддини Балхӣ бо овардани масалу ҳикоятҳои воқеӣ ба тарбия ва худшиносии инсонҳо нигаронида шудааст. Маълум мегардад, ки дар эҷодиёти шоир ба масъалаи одамият ва шинохти маърифати олам ҳамеша таъкид шуда, ӯ ҳамчун инсонпарвар ҳамдилиро аз ҳамзабонӣ бартар меҳисобад:

Ҳамзабонӣ хешиву пайвандӣ аст,
Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст.
Ай басо ҳиндиву турки ҳамзабон ,
Ай басо ду турк чун бегонагон.
Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.

Мусаллам аст, ки фарҳангу дин ва мазоҳиби мухталиф дар рӯйи олам арзи вуҷуд доранд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк намудааст, ки дар он сурат ҷаҳон ба пешрафтҳои чашмгир ноил мегардад ва мардумон дар сулҳу амонӣ зиндагӣ мекунанд, ки ҳамдиливу ҳамбастагӣ байни фарҳангу тамаддунҳо ва динҳо ҷомеаро боз ҳам бо ҳам қарин созад.

Дар баробари ин, дар эҷодиёти Мавлоно мавзуи сулҳу ваҳдат мавқеи асосӣ дошта, ҷавҳари таълимоти ӯро дар бар мегирад. Дар ин бора Мавлоно менигорад:

То ғилоф андар бувад, боқимат аст,
Чун бурун шуд, сӯхтанро олат аст.

Ҳамчунин, ӯ хостори сулҳу салоҳ ва ҳамдиливу ҳамбастагии мардум мебошад ва хуб дарёфтааст, дар он ҷое, ки ҷангу хунрезӣ ва нооромист, наметавон зиндагии хушбахтонаро аз сар гирифт.

По тиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг,
Дарди гурбат беҳ, ки андар хона ҷанг.

Эҷодиёти ӯ дар ҳама давру айём дархӯри замон ва ормонҳои одамон мебошад ва метавон ҳар як байти ӯро сармашқи фаъолияти худ қарор дод. Ба гунаи мисол, метавон ба ин байти машҳури ӯ ишора кард:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

Яке аз паҳлуҳои назарраси таълимоти Мавлоноро тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳад ва имрӯз ин афкорро ҳар як нафар, новобаста аз самти фаъолият бояд самаранок истифода кунад. Дар осори шоир адлу адолат бо ҳақиқат ҳаммаъниву ҳампоя аст ва дар асарҳояш роҳҳои расидан ба адлу адолат ва ҳақиқат ҷойгоҳи асосӣ ишғол мекунад. Аз ҷумла:

Эй, ки ту аз зулм чоҳе меканӣ,
Аз барои хеш доме метанӣ.
Бар заифон гар ту зулме мекунӣ,
Дон, ки андар қаъри чоҳи бебунӣ.

***

Адл чӣ б-вад? Об деҳ ашҷорро.
Зулм чӣ б-вад? Об додан хорро.

Инчунин, дар эҷодиёти Мавлоно масъалаи шинохти худӣ дар авлавият қарор дошта, инсонро баҳри хештаншиносӣ водор мекунад, хуб ҳам дарёфтааст, он касе, ки худро намешиносад, наметавонад, ки ҷаҳонро маърифат бикунад ва мустақилу озодандеш бошад:

Чашм дорӣ, ту ба чашми худ нигар,
Мангар аз чашми сафеҳе бехабар.

Дарвоқеъ, асарҳои мутафаккири барҷастаи тоҷику форс Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ барои тамоми аҳли башарият эҷод шудааст ва ҳар ҳар яки моро ба роҳи дурусту шинохти худӣ, дарки вазъияти замон ва расидан ба дараҷаи олии башардӯстӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Шоистаи таъкид аст, ки китобҳои Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар тамоми ақсои олам яке аз писандидатарин ва серхаридортарин маҳсуб меёбад.

Дар кишвари мо ба эҷодиёти Мавлоно аз солҳои шастуми асри гузашта таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шуд ва асарҳои ӯ бо теъдоди зиёде чоп ва дастраси хонандагон гардидаанд. Ҳамчунин, дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба эҷодиёти Мавлоно бештар гардид ва омӯзиши фарогири осори ӯ дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуд. Имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ маҳфилҳои “Мавлавихонӣ” ташкил шудааст ва дар онҳо эҷодиёти Мавлоно ҳамаҷониба омӯзонида ва 30 сентябр Рӯзи Мавлоно Ҷалоллиддин Балхӣ бо тантана ҷашн гирифта мешавад. Дар баробари ин, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ЮНЕСКО соли 2007 “Соли бузургдошти Мавлоно Ҷалоллиддини Балхӣ” (1207-1273) эълон гардида, бахшида ба таҷлили 800-умин солгард аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ин фарзанди барӯманди тоҷик чорабинию симпозиум ва ҳамоишҳои сатҳи баланд гузаронида шуд.

Воқеан ҳам, асарҳои мондагори Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ «Девони Шамс», «Маҷолиси саъба», «Мактубот», «Фиҳи мо фиҳи» ва «Маснавии маънавӣ» ҳамчун ганҷинаи нодири фарҳангии ҷаҳон дар рушду такомул ва ҷаҳонбинии инсонҳо таъсири файзбахш мерасонанд.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад

(Қитъаҳо аз «Маснавии маънавӣ»)

Орзу мехоҳ, лек андоза хоҳ,
Барнатобад кӯҳро як барги коҳ.
Офтобе, к-аз вай ин олам фурӯхт,
Андаке гар пеш ояд, ҷумла сӯхт.

***

Хашму шаҳват мардро аҳвал кунад,
З-истиқомат рӯҳро мубдал кунад.
Чун гараз омад, ҳунар пӯшида шуд,
Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.
Чун диҳад қозӣ ба дил ришват қарор,
Кай шиносад золим аз мазлуми зор?

***

Нори хандон богро хандон кунад,
Суҳбати мардонат аз мардон кунад.
Гар ту санги сахраву мармар шавӣ,
Чун ба соҳибдил расӣ, гавҳар шавӣ.
Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,
Дил мадеҳ илло ба меҳри дилхушон.
Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.
Дил туро дар кӯйи аҳли дил кашад,
Тан туро бар ҳабси обу гил кашад.
Ҳин, гизои дил бидеҳ аз ҳамдилӣ,
Рав, бичӯ иқболро аз муқбиле.

***

Охири ҳар гиря охир хандаест,
Марди охирбин муборак бандаест.
Ҳар кучо оби равон, сабза бувад,
Ҳар кучо ашке равон, раҳмат шавад.

***

Баҳр, к-ӯ обе ба ҳар ҷӯ медиҳад,
Ҳар хасеро бар сари рӯ мениҳад.
Кам нахоҳад гашт дарё з-ин карам,
Аз карам дарё нагардад бешу кам.
Гуфт: «Дорам ман карам, барҷойи ӯ,
Ҷомаи ҳар кас бурам болойи ӯ».

***

Душман арчи дӯстона гӯядат,
Дом дон, гарчи зи дона гӯядат.
Гар туро қанде диҳад, он заҳр дон,
Гар ба тан лутфе кунад, он қаҳр дон.
Чун қазо ояд, набинӣ гайри пӯст,
Душманонро бознашносӣ зи дӯст.

***

Эй, ки ту аз чоҳ зулме мекунӣ,
Дон, ки баҳри хеш чоҳе меканӣ.
Гирди худ чун кирм пила барматан,
Баҳри худ чаҳ меканӣ, андоза кан.

***

Ҷуфт бояд бар мисоли ҳамдигар,
Дар ду ҷуфти кафшу мӯза дарнигар.
Гар яке кафш аз ду танг ояд ба по,
Ҳар ду ҷуфташ кор н-ояд мар туро.
Ҷуфти дар як хурду он дигар бузург?
Ҷуфти шери беша дидӣ ҳеҷ гург?
Рост н-ояд бар шутур ҷуфти ҷувол,
Он яке холиву ин пур мол-мол.

***

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.
Аз муҳаббат дурдҳо софӣ шавад,
Аз муҳаббат дардҳо шофӣ шавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мекунанд,
Аз муҳаббат шоҳ банда мекунанд.
Ин муҳаббат ҳам натиҷа(й) дониш аст,
Кай газофа бар чунин тахте нишаст?

Дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Мавлоно - муршиди ваҳдат ва гуфтугӯи тамаддунҳо» конфронси байналмилалӣ доир шуд.

Коре набувад хубтар аз кори муаллим,
З-он рӯ, ҳама шоданд ба дидори муаллим. Нодир Шанбезода

«Омӯзгор»
№ 39, 29 сентябри
соли 2022

ҶАЛАСА

Баррасии масоили муҳим

23-юми сентябри соли ҷорӣ дар толори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Саидзода Раҳим Ҳамро ҷаласаи назоратӣ баргузор гардид, ки дар он муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ, директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилояту шаҳру ноҳияҳо иштирок намуданд.

Дар ҷаласа нахуст гузориши Б.Раҷабзода-иҷрокунандаи вазифаи сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус “Оид ба натиҷаи тақсимоти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ (равияи омӯзгорӣ) дар соли 2022”, гузориши Б.Исмоилзода-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе “Оид ба ҳисоботи сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе оид ба омодагии муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 ва рафти ҷараёни пайвастшавии муассисаҳои таълимии пойтахт ба шабакаҳои гармидиҳии мутамарказ (тибқи нақша)” ва гузориши З.Назруллозода-сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ “Оид ба рафти иҷрои Барномаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №114) ва Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №443) дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ” шунида шуд.

Зимни баррасии масъалаҳо раиси ҷаласа ба масъулин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, назорати ҷиддии рафти ҳозиршавии мутахассисон ба ҷойи кор ва бартараф намудани норасоии кадрӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои русию англисӣ, хусусан, таъсис додани гурӯҳҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ дар ихтисосҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани муассисаҳои таълимӣ ба фасли зимистон, пайваст намудани муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба шабакаи ягонаи гармидиҳӣ, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо харидорӣ намудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ, истифодаи самараноки технология дар раванди таълим ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Инчунин, таъкид гардид, ки бо мақсади баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, қадрдонӣ намудани заҳмати омӯзгорон ва ҳавасманд сохтани онҳо дар тамоми муассисаҳои таълимӣ Рӯзи омӯзгор дар сатҳи баланд ва бо риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҷлил карда шавад.

Ҳамзамон, дар ҷаласа мубодилаи афкор сурат гирифта, аз ҷониби иштирокчиён таклифу пешниҳодҳои судманд ироа гардида, вобаста ба ҳар масъала қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0049318 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2005 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (ҳоло МДТ литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе) ба Абророва Маҳчеҳра Алимовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №009397, ки онро соли 1990 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Сатторов Сайдихсон додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №150237, ки онро соли 1993 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и шаҳри Душанбе ба Абдуллоев Раҷабали Рауфович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №192952, ки онро соли 1985 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Деваштич ба Қодирова Тӯти Толибовна додааст, эътибор надорад.

ИСЛОҲОТ

Иштирок дар саммити дигаргунсозии маориф

Рӯзҳои 16-19-уми сентябри соли ҷорӣ дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америка Саммити дигаргунсозии маориф бо иштироки президентҳо, раисони ҳукуматҳо, вазирони маориф ва корҳои хориҷии кишварҳои узви СММ баргузор гардид, ки дар он муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода иштирок ва суханронӣ намуд.



16 сентябр дар қароргоҳи Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид мулоқоти муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода бо Роҳбари намояндагии Тоҷикистон дар СММ Ҷонибек Ҳикмат Исмоил доир гардид, ки дар рафти мулоқот масъалаҳои марбут ба Саммити дигаргунсозии маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, муовини якуми вазир дар чорабиниҳо ва муколамоҳои панелӣ, ки таҳти унвони “Рӯзи сафарбаршавӣ” бо иштироки Дабири кулли СММ Антонио Гуттериш ва дигар шахсони баландмақом баргузор гардид, иштирок намуд.

Муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 17 сентябр дар чорабиниҳои “Рӯзи ҳалли масъалаҳо”, ки дар сегментҳои гуногун баргузор гардиданд, ширкат варзид ва дар сегменти “Дигаргунсозии маориф барвақт оғоз меёбад”, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Габон, Ҷумҳурии Халқи Демократии Лаос, ЮНИСЕФ ва ЮНЕСКО баргузор карда шуд, иштирок ва суханронӣ намуд. Инчунин, дар ҳошияи сегменти мазкур мизи мудаввари вазирон баргузор гардад, ки вазирони маориф ва шахсони баландмақом аз кишварҳои гуногун иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар ҳошияи чорабинии мазкур мулоқоти Ҷамшед Ҷӯразода бо вазири таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Агрипина Василевна Шин баргузор гардид.

19 сентябр дар Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони “Рӯзи роҳбарон” Саммити сатҳи баланд дар хусуси дигаргунсозии маориф баргузор гардад, ки чорабинии мазкур бо сухани ифтитоҳии Дабири кулли СММ Антонио Гуттериш оғоз гардид. Дар рафти чорабинӣ изҳорот дар хусуси уҳдадориии роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои узви СММ ҷиҳати дигаргунсозии маориф ироа карда шуд.

Санадҳо таҷдид мешаванд

23-юми сентябри соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи гурӯҳи корӣ вобаста ба иҷрои бандҳои 3, 13, 14, 125, 134 ва 135-и Нақшаи миёнамуҳлати амал барои соли 2021-2023-и Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таҳсилоти томактабӣ бо иштироки коршиносон ва мутахассисони самти таҳсилоти томактабӣ доир гардид.

Дар рафти ҷаласа Стандарти омӯзиш ва рушди барвақтии кӯдак, лоиҳаи “Дастурамали маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, лоиҳаи “Дастурамал оид ба ҷамъоварӣ ва истифодабарии маблағ барои нигоҳубини кӯдакон ва дигар манбаъҳои даромад дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ”, лоиҳаи “Ҷадвали басти воҳидҳои корӣ ва меъёрҳо оида ба муайян намудани ҳайати кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва лоиҳаи “Дастурамали вазифавии кормандони роҳбарикунанда ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ” мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуд.

▶▶ ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода бо 52 мактаби олии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилоту муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ робитаҳои ҳамкорӣ дорад.

РИСОЛАТИ ТАЪРИХӢ

Гаронбаҳову безавол

Бобоҷон Ғафуров парвардаи муҳити илмиву эҷодӣ ва фарҳангиву иҷтимоии асри XX буда, тавонист аз имкониятҳои фароҳамовардаи айём истифода барад ва таърихномаи миллати худро, ки орзуи ҳамешагиаш буд, бо номи «Тоҷикон» ба вуҷуд оварад. Ин асари бунёдӣ соли 1972 аз тариқи нашриёти бонуфузи «Наука»-и шаҳри Москва бо забони русӣ чоп шудаву дастраси мухлисону ҳаводорони таърихи халқи тоҷик гардид. Имсол аз нахустнашри он 50 сол сипарӣ гардид.

Муҳаққиқи ҷӯяндаву бедордил Бобоҷон Ғафуров аввал заминаҳоро барои ба вуҷуд овардани асари барҷаставу пурҳашамате устувор поягузорӣ карда, ҳамзамон, дар ин самт омӯзишро вусъат мебахшад, мавод гирд меоварад, бозёфтҳои бостоншиносонро меомӯзад, мақолаҳо иншо мекунад, ҳуҷҷату санад ва мадракҳои дастрасро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, таҳлилу баррасӣ менамояд, дар деги тафаккур мепазонад.

Дар заминаи омӯзишу пажӯҳиш ва талаби айём даставвал бо ҳамқаламии Н. Прохоров китоби «Халқи тоҷик дар мубориза баҳри озодӣ ва истиқлолияти худ»-ро соли 1944 бо забони русӣ рӯи чоп овард.

Соли 1947 роҷеъ ба таърихи тоҷикон аз ҷониби Б. Ғафуров асаре бо номи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» чоп шуд. Дар ин китоби пурмуҳтаво муҳаққиқ бо далелҳои раднопазири таърихӣ илман исбот кардааст, ки «тоҷикон қадимтарин халқи бумии Осиёи Миёна мебошанд». «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» асарест, ки дар авроқи он саҳифаҳои хираи халқи тоҷик рӯшан инъикос шуда, ба ин васила, муаллифи он бунёдгузори илми тоҷикшиносии ватанӣ шинохта шуд.



Барои бештар муаррифӣ кардани таърихи халқи тоҷик ва ба доираи васеи аудитория гуногунзабон манзур гардонидани он, муаллиф ин асарро соли 1949 бо забони русӣ ба табъ мерасонад, ки баъдан солҳои 1952, 1955 бо тавзеҳу иловаҳо боз ду маротибаи дигар бо ин забон чоп мешавад.

Ҷустуҷӯву омӯзиш имкон фароҳам овард то Бобоҷон Ғафуров дар ба вуҷуд овардани китоби бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» ҳамроҳи як гурӯҳи бонуфузи таърихнигорон ширкат варзад. Ин китоб, ки Бобоҷон Ғафуров ҷилдҳои якумашро бо академик Б. А. Литвинский ва дуюмашро бо А.М. Беленитский таҳрир намудаву дар омода кардани ҷилдҳои дигараш низ саҳми бевосита дошта, солҳои 1963-1965 дар се ҷилду панҷ китоб нашр гардид.

Баъди директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таъйин гардидан Бобоҷон Ғафуров фаъолияташро пурра ба корҳои илмиву ташкилӣ равона карда, таҳқиқи таърихи пурвусъати халқи тоҷик ва ба доираи васеи аудиторияи гуногунзабон манзур гардонидани он, муаллиф ин асарро соли 1949 бо забони русӣ ба табъ мерасонад, ки баъдан солҳои 1952, 1955 бо тавзеҳу иловаҳо боз ду маротибаи дигар бо ин забон чоп мешавад.

Ҷустуҷӯву омӯзиш имкон фароҳам овард то Бобоҷон Ғафуров дар ба вуҷуд овардани китоби бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» ҳамроҳи як гурӯҳи бонуфузи таърихнигорон ширкат варзад. Ин китоб, ки Бобоҷон Ғафуров ҷилдҳои якумашро бо академик Б. А. Литвинский ва дуюмашро бо А.М. Беленитский таҳрир намудаву дар омода кардани ҷилдҳои дигараш низ саҳми бевосита дошта, солҳои 1963-1965 дар се ҷилду панҷ китоб нашр гардид.

Баъди директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таъйин гардидан Бобоҷон Ғафуров фаъолияташро пурра ба корҳои илмиву ташкилӣ равона карда, таҳқиқи таърихи пурвусъати халқи тоҷик ва ба доираи васеи аудиторияи гуногунзабон манзур гардонидани он олими нуктасанҷу дақиққор табдил ёфт.

Маҳз дар ҳамин давраи босамару доманадор Бобоҷон Ғафуров бо масъулияти дучанд ба таълифи китоби «Тоҷикон» оғоз кард. Натиҷаи ҷустуҷӯву омӯзиш шароит фароҳам овард, ки нигорандаи таърихи ниёкони некном «доир ба таърихи тоҷикон маводи зиёди илмӣ ҷамъоварӣ менамояд, сарчашмаҳои наву нодир дарёфт мекунад, аз асарҳои олимони англис, олмонӣ, амрикоӣ, фаронсавӣ, ҷопонӣ ва эронӣ истифода мебарад ва китобро бо такя ба дастовардҳои охирини илми матншиносӣ, таърихнигорӣ, сиккашиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ, антропология ва бостоншиносӣ барои нашр омода мекунад» ва соли 1972 бо теъдоди 10 ҳазор нусха дар Москва бо забони русӣ чопу дастраси хонанда мегардад.

Китоби «Тоҷикон» ва номи муаллифи он аз рӯзҳои аввал таваҷҷуҳи муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ, доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб менамояд ва дар як муддати кӯтоҳ ба фурӯш меравад. Мухлисону ҳаводорони китоб барои дастрас кардани он тавассути телефон ба нашриёту бевосита ба муаллиф муроҷиат кардаанд.

Аввалтар ва аз ҳама бештар номи китоб, яъне «Тоҷикон» таваҷҷуҳи ҳаводоронро ба худ ҷалб намуда буд, чунки бо ин ном чопи ин қабил асарҳоро дар он замон иҷозат намедоданд. Обрӯву нуфуз ва мавқеи илмиву ҷамъиятии муаллиф барои нашри китоб бо ин унвон мусоидат кардааст. Муаллиф дар ҷараёни таълифи асари пурмуҳтавои худ этикаи илмиро риоя карда, ба иззати нафси дигар миллатҳо нарасида, мавзӯи доманадорро объективона таҳқиқу баррасӣ менамояд.

Воқеан ҳам, китоби «Тоҷикон» дар такя ба сарчашмаю манбаъҳои илмию адабӣ ва таърихӣ, бозёфтҳои бостоншиносию сиккашиносӣ, ҳуҷҷату санад ва мадракҳои нодири то солҳои 70-и асри гузашта дастрас навишта шуда, зимни мутолиаи он хонанда аз ташаккулу таназзулҳо, таҳаввулу бурду бохтҳо, комёбиву нокомиҳо, ҷабру ҷафоҳои таърих, дастовардҳои илмию фарҳангӣ, ҷасорату матонати қаҳрамонону паҳлавонони майдонҳои набарду корзор, огаҳӣ ёфта, сабақи ҳаёту зиндагӣ меомӯзад.

Китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ҳам мисли китоби «Намунаи адабиёт»-и С. Айнӣ, ки дар ибтидои асри 20, дар давраи бисёр ҳассосу сарнавиштсоз мавҷудияти миллати тоҷикро, соҳибдавлат будани онро собит кард, рисолати худро дар давраи минбаъда ба ҷо овард, ба муаллифаш умри ҷовидон бахшида, ҳамчун асари мондагори безавол дар ин замонаи пурзиддияти ҷаҳонишавӣ пояҳояшро боз ҳам қавӣ мегардонад.

Бахусус, таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шоҳасари «Тоҷикон» ва муаллифи он Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ҳамарӯза афзуда, маҳз бо ташаббуси Сарвари давлат ин асари оламшумул чандин маротиба бознашр шуда, ахиран дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 таъкид шуд, ки «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносист ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем».

Дар Чину Полша, Ҳиндустону Ҷопон ва Афғонистон, ҳамчунин, бо забони ӯзбекӣ тарҷума ва чоп шудани осори Бобоҷон Ғафуров, ба хусус, «Тоҷикон» аз он шаҳодат медиҳад, ки ин осор пурмуҳтаво, арзишманд ва дар сатҳи ҷаҳонӣ нигошта шудаанд.

Китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар илми таърихшиносӣ ва шарқшиносии ҷаҳон ба сифати падидаи бузурги илмиву фарҳангӣ пазируфтаву эътироф шудааст. Тақризҳои ба ин асар навиштаи олимону муҳаққиқони шинохтаи ҷаҳон академик В.В. Пиотровский, А.П. Окладников, М.П. Ким, Е.М. Жуков, И.И. Минтс, М.А. Коростовсев, Р. Фрай, Шаши Бушан, Нурул Ҳасан, М. Лоренс, Файз Аҳмади Файз, Саидмуҳаммади Ҳаким, Ҳасани Донӣ ва дигарон аз он гувоҳӣ дода, арзиши бузурги онро муайян менамоянд.

Саъдулло ҲАЙДАРОВ,
дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии ДМТ

МИЗИ МУДАВВАР

30 соли созандагӣ бо Пешвои миллат

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар доираи аксияи ҷумҳуриявии Албом-эстафета таҳти унвони “30 соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI-и Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар баргузор гардид. Ректори донишгоҳ, профессор Муъмин Шарифзода перомуни нақшу мақоми иҷлосияи тақдирсоз дар расидан ба сулҳи комил ибрози андеша намуд. Қайд гардид, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон нақши калидӣ бозида, роҳи ояндаи дурахшони халқи тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Сипас, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Бахтиёр Исматҷонов доир ба аксияи ҷумҳуриявии Албом-эстафета таҳти унвони “30 соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” сухан гуфт.

Муаллимаи калони кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ Мунзифа Пӯлотова дар мавзуи “Нақши Иҷлосияи тақдирсоз дар оромсозии фазои нооромии солҳои 1990” суханронӣ кард. Ҳамзамон, дар маърӯзаи узви фаъоли ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон - “Созандагони Ватан” дар шаҳри Хуҷанд Назирахон Насимӣ дар мавзуи “Саҳми Иҷлосияи тақдирсоз дар тарбияи хештаншиносии ҷавонон” шунида шуд. Иброз гардид, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдодест, ки бо гузашти 30 сол аҳамияти он бештар эҳсос мешавад.

ГИРОМИДОШТ

Дар Маркази таҳсилоти иловагии вилояти Суғд бахшида ба Рӯзи гиромидошти устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки аъзои маҳфили «Адибони ҷавон» конфронси илмиву адабӣ баргузор гардид. Онро мушовири Маркази таҳсилоти иловагии вилояти Суғд Меҳровари Мастчоҳӣ ифтитоҳ намуд.

Қофиласолори адабиёт

Роҳбари Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ Баҳром Раҳматзод дар суханронии худ доир ба вижагиҳои шеъри устод Рӯдакӣ маълумоти саҳеҳ дода, аз маҳфуми чанд ибораҳои зиёди истифодашаванда, ки дар ашъори устод Рӯдакӣ дида мешавад, шарҳҳои ҷолиб дод. Дар идома аъзоёни маҳфили доимоамалкунандаи «Адибони ҷавон» ва донишҷӯёни риштаи филологии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров аз эъҷодиёти устод Рӯдакӣ шеърҳо қироат намуданд. Базми ширу шакар, барномаи рангини фарҳангӣ идомадиҳандаи маҳфили илмиву адабӣ гардид. Дар маҳфили адабӣ аъзои маҳфили «Адибони ҷавон» аз чакидаҳои худ шеърҳо қироат намуданд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА, «Омӯзгор»

САБҚАТ

Ҳикмати Рӯдакӣ

Баҳри таҷлили рӯзи Рӯдакӣ дар асоси нақшачорабинии Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Деваштич (директораш Ихтиёр Ҷонназаров) дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ баргузор гардид. Аз он ҷумла, озмуни иншои беҳтарин таҳти унвони «Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй» байни хонандагони синфҳои 9-11 гузаронида шуд, ки дар он зиёда аз 36 нафар ихлосмандони шеъри Рӯдакӣ иштирок намуданд. Иншои хонандагон аз тарафи ҳакамон санҷида, натиҷабардорӣ карда шуд. Ғолибон ва иштирокчиёни фаъол бо ифтихорномаи шуъбаи маориф ва Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо қадрдонӣ карда шуданд.

«Омӯзгор»

Аз давраи таъсисёбии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода, яъне аз соли 1979 то имрӯз 14 200 нафар мутахассис омода карда шудааст.

Азизу меҳрубони ман, муаллим,
Сафобахши равони ман, муаллим.
Камол Насрулло

«Омӯзгор»
№ 39, 29 сентябри соли 2022

СИМО

Муҳаббат ва садоқат

Насима Заробекова 22 сентябри соли 1947 дар деҳаи Ново-Шалтии ноҳияи Бавлини Ҷумҳурии автономии Шуравии Сотсиалистии Тоҷристони Федератсияи Русия таваллуд шудааст, аммо аз 19-солагӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



Мактаби миёнаро соли 1965 дар ноҳияи Бавлини ҶШС Тоҷристони Федератсияи Русия хатм карда, баъдан бо амри тақдир соли 1966 фаъолияти мехнатии худро дар Тоҷикистон, дар шаҳри Норак, дар мактаби миёнаи рақами 8 оғоз намуда, баъдтар дар мактаби миёнаи раками 20-и шаҳри Хатлон чун сарпешоҳанг кор кардааст.

Моҳи январи соли 1967 бо сабабҳои оилавӣ (шавҳараш ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда буд) ба ноҳияи Ванҷи ВМКБ кӯчиданд.

Аз январи соли 1967 то моҳи августи соли 1995 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 4 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти рус кор кард ва дар ҳамин мактаб се сол (1985-88) директор буд.

Соли 1973 факултаи забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айниро хатм кардааст. Оиладор, соҳиби 5 фарзанд: духтаронаш омӯзгоранд, писараш ҳуқуқшинос аст.

Аз 1 сентябри соли 1995 дар ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода кор мекунад. Собиқаи кории педагогиаш 57 сол буда, 27 сол боз дар мактаби олӣ фаъолият дорад.

13 марти соли 2010 дар мавзуи «Тайёр кардани омӯзгорони оянда барои тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии донишҷӯён» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Насима Миргарифановна номзади илмҳои педагогӣ буда, дар айни замон ҳамчун дотсенти кафедраи методикаи таълим дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода фаъолият дорад.

Ӯ мураббии ғамхори мутахассисони ҷавони донишкада аст ва барои такмили ихтисоси худ мунтазам меомӯзад.

Дар чандин конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳои пурмазмун баромад кардааст.

Н.Заробекова чун омӯзгори донишманду ботаҷриба ва меҳнатдӯст шинохта шудаасту дар байни ҳамкасбон ва донишҷӯёни донишкада обрӯю эътибори хоса дорад.

Ӯ муаллифи якчанд китоби дарсӣ, дастури методӣ ва силсилаи мақолаҳои илмию пажуҳишӣ мебошад. Ба шогирдон аз фанҳои методикаи таълими забон ва адабиёти рус ва маданияти нутқ дарс медиҳад.

Ин зани шарафманд аз Тоҷристон ба Тоҷикистон омада, фарзандони тоҷикро 56 сол боз забони русӣ меомӯзад ва ҳамчун ҳамсари меҳрубон, модари ғамхор ва бибии хушбахт зиндагии оилавии намунавӣ дорад. Вай мактаби таҷрибаи худро дорад, ки ду самтро дарбар мегирад: касбомӯзӣ ва таҷрибаи рӯзгор. Насима Миргарифановна аз саргузашти ибратомӯзи худ ба ҳамкасбон нақлҳои пурмуҳтаво мекунад ва суҳбаташ ҷонпарвар аст.

Мо - ҳамкасбон ин омӯзгори маҳбубро бо 75-умин солгарди умраш табрик менамоем ва орзу мекунем, ки ҳамеша сиҳату саломат ва хушрӯзу хушбахт бошад.

С. ШЕРБОЕВ, Б.АШӮРОВА, С.САИДОВ, К.ГАДОЕВ, М.ТОВБАЕВА, устодони ДДЗТ ба номи С. Улугзода

Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023

Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

СУРАТҲИСОБИ МО

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

ПЕШРАФТ

Мактаби Баҳор

Деҳаи Баҳор андаке бештар аз сӣ сол қабл аз ин дар доманаи пуштаҳои байни деҳаҳои Колхозчиён ва Мазори Шарифи шаҳри Панҷакент бунёд ёфта буд. Баҳор зуд доман густурду аҳолии зиёдеро ба канор гирифт. Дар оғоз ин ҷо таълимгоҳе амал мекард, ки ҳамагӣ аз чаҳор синфхона иборат буду бахши мактаби деҳаи Мазори Шариф ба шумор мерафт. Бо пайваста афзудани сокинони деҳа мактаб васеътар ва мустақил гашт. Ҳоло дар муассисаи таълимии рақами 82-и деҳаи Баҳор 583 хонанда таҳсил доранд. Аслан дар ин таълимгоҳ барои 320 хонанда шароити созгори таҳсил мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ду сол пеш аз ин аҳли деҳа бо роҳбарии омӯзгорон тасмим гирифтанд, ки ба тариқи ҳашар барои мактаб панҷ синфхонаи дигар бунёд созанд. Сохтмон оғоз ёфт. Бо ҳамкории гурӯҳе аз сокинони деҳа ва ҳайати омӯзгорон тадричан бинои хуштарҳи наве дар шафати бинои пешини мактаб қомат рост кард, ки аз долон ва панҷ синфхона иборат аст. Синфхонаҳо бо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла, мизу курсиҳои талабагии босифат таъмин гардиданд. Барои дастрас намудани масолеҳи сохтмонӣ ва ашёи таълимию

ороишӣ дар синфхонаҳои мазкур сокинони алоҳида ва соҳибкорони деҳа ҳамчунин, роҳбарияти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мадад расонданд. Директори мактаб Афроз Раззоқзода дар расми ифтитоҳи синфхонаҳои нав, ки ҳафтаи гузашта баргузор шуд, ба тамоми иштирокдорону саҳмгузорони бунёди ин синфхонаҳо арзи сипос кард ва шогирдонро даъват намуд, ки дар посух ба ин ғамхории ҳамагонӣ ҳамеша хубу аъло хонанду фаъол бошанд.

Намояндаи шуъбаи маорифи шаҳр Раҳмонбердӣ Имомбердиев иброз дошт, ки ба тариқи ҳашар ва бо кӯшишу саҳмгузории аҳли деҳа бунёд ёфтани бинои нави мактаб худ як дарси ибрату тарбият аст барои шогирдон.

А.МУРОДӢ, «Омӯзгор»

Муаммои «Омӯзгор»

Аз боло ба поён:

1. Муродифи қафо, паси ҳар чизе. 2. Исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ. 3. Муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 4. Номи подшоҳи Сосонӣ. 6. *** Шерозӣ, шоири классикии тоҷику форс.

Аз чап ба рост:

2. Ба хотири нашинохтан аз он истифода мебаранд. 4. Навъи паранда. 5. *** Хачатурян, Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ, бастакор. 7. Дар он мева, гул ва нон мегузоранд. 8. Дунё, гетӣ. 9. Таваккал намудан ба забон русӣ. 10. Қиёми асал. 11. Исми мақомоти олии қонунбарор дар қитъаи Авруосиё. 12. Мафҳуми хешутаборӣ. 14. Фанни забони *** . 15. Номи забони мардуми яҳуд. 16. «Партави *** нагирад, он, ки бунёдаш бад аст» (Саъдӣ).

Мураттиб Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»



Кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкори худ Дилбар Алихонзода бинобар даргузашти ПАДАРАШ изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкори худ Садафмоҳ Сафарзода бинобар даргузашти ПАДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.

Кормандони шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ аз даргузашти омӯзгори эҷодкори ноҳия Раҷаб ҒАФФОРОВ андуҳгин буда, ба аҳли оила ва хешовандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва таслият мекунанд.

Ҳайати устодон ва омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Рӯдакӣ аз даргузашти ҳамкори худ, собиқадори маориф Абдураҳмон РАҚИБОВ андуҳгин буда, ба хешу пайвандони марҳум изҳори ҳамдардии амиқ менамоянд.

Кормандони шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон аз вафоти нобаҳангоми омӯзгори литсейи давлатии №1-и ноҳияи Ёвон, Муаллими хизматнишондодаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад ОЛИМОВ андуҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва таслият менамоянд.

Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА

Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)

Сурога: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад.

Навбатдори шумора Х. ҲОМИД

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.